Х. ҲАЙДАРОВ: МО ИДЕОЛОГИЯИ ҚАВӢ НАДОРЕМ! с. 10
ҲУШДОР: БА ДОМИ ҚАЛЛОБОН НААФТЕД! с. 11
ДУШАНБЕ ПЕШСАФИ АФЗОИШИ АҲОЛӢ с. 5



# ТОҶИКИСТОН

№8 (1622), 19.02.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992

# САРВАЗИР ДАР ЭРОН

## Гардиши тиҷорати ду кишвар ба $500 млн мерасад






ДАР ИН ШУМОРА:

**ГУЛ ШЕРАЛӢ**
Аз “Сангтӯда 1” то “Сангтӯда 2” с.8

**УТИЛИЗАТСИЯИ НАҚЛИЁТ**
1,7 млрд сомонӣ ба буҷет ворид шуд с.5

**ҶАҲОН**
Масъалаи Украина ба фоидаи кӣ ҳал мешавад? с.4

**ЗАБОНИ ФОРСӢ**
Ва фатвои ҷасоратомези Имом Абуҳанифа с.6

**САМАРҚАНД**
Ифтитоҳи Маркази фарҳангии тоҷикон с.7

**ҲУШДОР**
Фарзандонро аз волидайн мегиранд, агар... с.11

**ВАРЗИШ**
Ду медали қаҳрамонони тоҷик аз Боку с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Вазни идеалӣ чанд аст? с.12

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

**Шариф ҲАМДАМПУР,**
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

**Усмон РАҲИМЗОДА,**
муовини сармуҳаррир

**Одил НОЗИР,**
муҳаррир

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,**
президенти АМИТ

**Шералӣ КАБИР,**
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,**
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

**Носирҷон САЛИМӢ,**
академик

**Рафаэл НЕКТАЛОВ,**
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

**Масъуди МИРШОҲӢ,**
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

**Шариф РАҲИМЗОДА,**
доктори илми иктисодӣ, профессор

**Урватулло ТОИРОВ,**
доктори илми филология, профессор

**Тамара МОСКАЛЁВА,**
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

**Гулсифат ШАҲИДӢ,**
нависанда

**Иноят ИНОЯТОВ,**
ҳуқуқшинос

**Фирдавс САТТОРОВ,**
саҳифабанд

**МУАССИС:**
**Ҳайати кормандони ҳафтанома**

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст.*
*Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*

**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
918-66-82-64,
221-41-11

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

## ПРЕЗИДЕНТ АЗ САФИРОНИ НАВ ЭЪТИМОДНОМА ҚАБУЛ КАРД

**19-уми феврал дар Қасри миллат Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон эътимодномаҳои сафирони навтаъйини як қатор кишварҳои хориҷиро қабул намуд.**

Зимни маросим ба Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сафирони фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Арманистон Гевондян Армен Вачикович, Босния ва Герцеговина Нияз Чардаклия, Малайзия Илхам Туа бин Иллиас, Подшоҳии Испания Луис Франсиско Мартинес Монтес, Давлати Исроил Гидеон Лустиг, Ҷумҳурии Словения хонум Аленка Сухадолник, Ҷумҳурии Чехия Любомир Фребroom ва Ҷумҳурии Федеративии Демократии Эфиопия Ҷамол Бокир Абдулло эътимодномаҳои худро бо паёму дуруд аз роҳбарияти кишварҳояшон тақдим карданд.

Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ сафирони навро ба муносибати оғози фаъолияти дипломатиашон дар ин маснади масъул дар Тоҷикистон табрик гуфт.

Таъкид гардид, ки Тоҷикистон бо такя ба Консепсияи сиёсати хориҷии худ ҷиҳати рушду таҳкими ҳамаҷонибаи муносибатҳои дӯстӣ ва ҳамкории судманд бо кишварҳои минтақаҳои гуногуни олам кӯшишҳои пайваста ба харҷ медиҳад.

## ТАҚДИМИ 10 ХОНА БА ОИЛАҲОИ КАМБИЗОАТ ДАР КОНИБОДОМ

**Соҳибкори тоҷик аз шаҳри Конибодом 10 хонаи истиқоматӣ сохта, аз номи Президенти Тоҷикистон ба оилаҳои камбизоату эҳтиёҷманд тақдим кард.**

Калиди хонаҳоро Раҷаббой Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд ва Даврон Зоҳидзода, раиси шаҳри Конибодом ба соҳибонашон супориданд.

Бино ба иттилои расида, ин соҳибкор Акмалҷон Шокиров, роҳбари ширкати "Мерос" будааст, ки ба 5 оилаи пешкадами ширкати мазкур ва 5 оилаи ниёзманд хона тақдим кардааст. Ӯ низ ҳангоми тақдими хонаҳо ҳузур дошт.

Ба гуфтаи Дилшодҷон Холматов, мудири бахши ҳифзи иҷтимоии аҳолии шаҳри Конибодом, ин соҳибкори маҳаллӣ қаблан низ ба 8 оилаи ниёзманд хона тақдим карда буд, аммо он нахост, ки ин иқдомаш расонаӣ шавад.

## 53 МИЛЛИОН ДАРОМАД АЗ ИҶОРАИ АМВОЛ

**Тоҷикистон дар як соли гузашта аз ҳисоби хусусигардонӣ ва иҷораи амволи давлатӣ ҳудуди 53 миллион сомонӣ даромад гирифтааст.**

Дар ин давра беш аз 40 млн сомонӣ ё 77% аз ҳисоби хусусигардонӣ ва беш аз 12 миллион сомонӣ ё наздики 23% аз ҳисоби иҷораи амволи давлатӣ ба буҷа ворид шудааст.

Дар ин бора Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Тоҷикистон хабар додааст.




## МАҚОМИ АВВАЛИ НАВРАСИ ТОҶИК ДАР ОЗМУНИ РУСИЯ

**Зебинисо Исмоилова, таълимгирандаи маҳфили «Рақс» аз Маркази кӯдакон ва наврасони Душанбе дар озмуни эҷодиёти умумирусиягии «Ҳунарманди халқӣ» дар номинатсияи «Хореография» лауреати дараҷаи якум гардид.**

Озмун дар Маскав баргузор шуда, дар он иштирокчиён аз Русия ва кишварҳои ИДМ ҳунарнамоӣ карданд.

Зебинисо қаблан низ дар озмунҳои байналмилалӣ чойҳои намоёнро соҳиб гардидааст, аз ҷумла дар фестивали «Art Silk Way» дар Самарқанд (марти 2024) дар ду номинатсия ҷойи аввалро гирифта буд.

## САРИ САБЗ



**Ато ҲАМДАМ,**
**мудири бахши драматургияи ИНТ**

**- Ҷавонтарин драмнависи узви ИНТ имрӯз 60-сола аст. Агар чораи муассире андешида нашавад, шояд ихтисоси адабии драмнависи ҳирфаӣ аз байн равад. Барои драмнависи соҳибқалам ба дигар навъи адабӣ гузаштан душворӣ надорад, вале ҳоли театр чӣ мешавад?**

*- Зӯр ку! Бояд ҳамин хел ҳам бошад, чун драмнависӣ кори андаку саҳлу сода нест. Кӯшиш кардан даркор, ки сафи ҳамин драмнависони 60-сола афзоиш ёбад, чун фикрашон пухта расидагӣ аст ва ҳоли театр хуб мешавад.*



**Раҳима ҲАЙДАРОВА,**
**омӯзгори бознишаста ва блогер**

**- Ба ҳамаи китобхонаҳои шаҳр обуна будам. Он солҳо ёфтан ва гирифтани китоби зарурӣ камтар мушкил буд. Хоҳатҳои зиёде мешуд, ки мо, донишҷӯён то соати 21 дар китобхона истода, ба дарсҳо, имтиҳонот тайёрӣ медидем. Китоб камчин буду хонанда бисёр.**

*- Гуфтаниед, ки сабаби кам ба китобхонаҳо рафтани донишҷӯёни имрӯза пайдоиши интернету китобҳои электронӣ аст? Ба телефони ягон нафараш синча карда нигаред ку, шояд дигар барномаҳо ҳам бошанд.*



**Ҳафиз РАҲМОН,**
**устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**- Инсон табиатан зердаст будан ва ё вобаста будан аз дигаронро, ҳатто аз падару модарро, дӯст намедорад. Ин эҳсосро рӯйпӯш кардан аз сатҳи таҳаммули одам вобаста аст, аз дараҷаи тарбия ва такомули фикрию маънавии ӯ.**

*- Ба хайр будааст. Ақаллан ҳамон таҳаммулу тарбия ва такомули фикриву маънавӣ ҳаст, ки эҳсосашонро рӯйпӯш месозанд. Вагарна, кӣ медонад, шояд ҳатто падару модарро зердасту вобастаи худ мекарданд.*



# САРВАЗИР ДАР ЭРОН

## Гардиши тиҷорати ду кишвар ба $500 млн мерасад

**Рӯзи 17-уми феврали соли равон Сарвазири Тоҷикистон Қоҳир Расулзода бо сафари расмӣ вориди Ҷумҳурии Исломии Эрон шуд. Зимни ин сафар Сарвазир кишвар дар ҳамоиши сеюми иқтисодии кишварҳои ҳавзаи Бахри Хазар ширкат кард ва ҳамчунин бо Президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон Масъуди Пизишкиён ва дигар мақомдорони ин кишвар дидору мулоқот намуд.**

**САРВАЗИРИ МАМЛАКАТ ҚОҲИР РАСУЛЗОДА ШОИРИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ФАРЗОНАИ ХУҶАНДИРО, КИ ДАР ЯКЕ АЗ БЕМОРИСТОНҲОИ ШАҲРИ ТЕҲРОН ТАБОБАТ МЕГИРАД, АЁДАТ НАМУД.**
**ДАР ИН БОРА РАСОНАҲОИ ЭРОН ХАБАР ДОДА, ТАЪКИД КАРДААНД, КИ САРВАЗИРИ ТОҶИКИСТОН ҚОҲИР РАСУЛЗОДА ЗИМНИ БОЗДИД АЗ БЕМОРХОНАИ ШАҲРИ ТЕҲРОН БА АЁДАТИ ФАРЗОНАИ ХУҶАНДӢ НИЗ РАСИД.**

### ТАКМИЛДИҲАНДАИ ҲАМДИГАР

Муҳаммадризо Ориф, муовини президенти Ҷумҳурии Исломии Эрон дар маҷмуаи таърихии “Саъдобод”-и Теҳрон аз Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода истиқбол намуда, таъкид кард, ки дидори дуҷониба ва ширкат дар ҳамоиши иқтисодии кишварҳои хошияи Хазар ду ҳадафи асосии сафари нахуствазири Тоҷикистон ба Эрон аст.

Муовини президенти Эрон таъкид кард, ки равобити сиёсии Тоҷикистон ва Эрон дар беҳтарин шароит қарор дорад. Ӯ ишора намуд, ки сафари Масъуд Пизишкиён ба шаҳри Душанбе баёдмонданӣ буд ва меҳмоннавозии бисёр арзишманди Ҳукумати Тоҷикистон стратегияи ҳамаҷонибаи рушди ҳамкориҳоро нишон медиҳад.

“Имрӯз дар идомаи стратегияҳои мавриди назар бо нахуствазири Тоҷикистон вориди баҳсҳои амалӣ шудем ва хулосаамон ин буд, ки хушбахтона, иқтисоди ду кишвар метавонад такмилдиҳандаи ҳамдигар бошад. Мо метавонем дар бахшҳои мухталиф ниёзҳои Тоҷикистонро таъмин кунем”,- таъкид кард Муҳаммадризо Ориф.

Муовини президенти Эрон дар нишасти хабарии муштарак бо Сарвазири Тоҷикистон гуфт, ки бояд бахши хусусӣ фаъол шавад ва ҳукуматҳои ду кишвар барои осон намудани равобити дуҷонибаи бахшҳои хусусӣ иқдомҳои лозимро анҷом диҳанд. Ӯ ба бекор шудани низоми раводид миёни Тоҷикистон ва Эрон ишора намуда, афзуд, ки он заминаро барои ҳамкориҳо дар бахшҳои мухталиф фароҳам мекунад.

“Талош хоҳем кард, то осон намудан заминаро барои зуҳури бахши хусусии ду давлат, бахусус дар бахшҳои хизматрасонии техникӣ ва муҳандисие, ки бо бунгоҳҳо ва ширкатҳои хос, ки дар минтақа низ ҳузури фаъол доранд ва фаъолияти онҳо мавриди ризояти корфармоён аст, фароҳам кунем. Бо ин асос ҳамкориҳои худро бо кишвари Тоҷикистон идома медиҳем”,- таъкид кард Муҳаммадризо Ориф.

### ДИДОР БО ПРЕЗИДЕНТ

Дар рӯзи дуюми сафари худ Қоҳир Расулзода бо Президенти Эрон Масъуд Пизишкиён мулоқот анҷом дод. “Дар ин мулоқот "аз рушди робитаҳои дӯстонаи ду кишвар, ки пас аз сафари давлатии Масъуд Пизишкиён ба Тоҷикистон ривоҷ ёфтааст" таъкид шудааст”,- менависад “Ховар”.

Манбаъ навишт, ки “тавсеаи бештари ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ барои Тоҷикистон бо Эрон ҳамчун авлавият боқӣ мемонад”.

“Бо такя ба зарфияти мавҷуда барои ноил гардидан ба тавофуқоти қаблӣ дар мавриди ба 500 миллион доллари амрикоӣ расонидани ҳаҷми табодули мол байни ду кишвар изҳори умеду боварӣ карда шуд”,- навиштааст ин расона.

Ҳамчунин, таъмини рафтуомади бе раводид байни Тоҷикистону Эрон, сармоягузорӣ ба соҳаи энергетика, нақлиёт ва ғайра аз мавзуъҳои дигар ва муҳими суҳбат будаанд.

Изҳори умедворӣ карда шудааст, ки “ҳамкориҳо дар самтҳои гуногун аз имрӯза дида бештар густариш меёбанд”.

### МУЛОҚОТ БО ВАЗИРОН

Ёдовар мешавем, ки Қоҳир Расулзода бо як сафари расмӣ дар Эрон қарор дорад. Ӯ рӯзи 18-уми феврал дар ҳамоиши сеюми иқтисодии кишварҳои ҳавзаи Бахри Хазар ҳамчун меҳмони вижа ширкат ва бо ҳамтоёни эронии худ дидору гуфтушунид кард.

Ҳамчунин, гуфта мешавад, ки Расулзода бо ҷамъе аз вазирони эронӣ нишасти муштарак анҷом дода, масъалаи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои гуногунро мавриди баррасӣ қарор хоҳад дод.

Мавриди зикр аст, ки муносибати Тоҷикистону Эрон баъди фосилаи сардӣ пас аз соли 2020 рӯ ба беҳбудӣ овард.

Айни замон 160 ширкат бо сармояи Эрон дар Тоҷикистон фаъолият дошта, дар соли 2024 гардиши тиҷорат миёни ду кишвар ба беш аз 300 миллион доллар расидааст.

Рӯзҳои 15-17-уми январи соли ҷорӣ сафари давлатии Президенти Эрон Масъуди Пизишкиён ба Тоҷикистон баргузор шуда, 23 санади ҳамкории дуҷониба ба имзо расид. Дар ҷараёни форуми тиҷоратии кишварҳо дар Душанбе ба маблағи зиёда аз 450 млн доллар санадҳои ҳамкорӣ имзо шуд.

**О. СОҲИБЗОДА**

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Тоҷикистон соли гузашта дар вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳои буҷетӣ 484 тафтишу санҷиши молиявӣ гузаронд. Дар натиҷа 425,7 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуд.**

Дар ин бора директори агентӣ Сулаймон Султонзода зимни нишасти матбуотӣ хабар дод. Ба гуфтаи номбурда, аз маблағҳои ошкоршудаи зарар 411,9 миллион сомонӣ ба манфиати давлат барқарор карда шуд, ки 296,1 миллион сомонии он бевосита ба суратҳисоби буҷетӣ ва 115,8 миллион сомонӣ бо роҳи ҳисоббаробаркунӣ ва даромад кардани молу мулк мебошад.



**Ҳаҷми умумии қарзи давлатии Тоҷикистон ба ҳолати 1-уми январи соли равон ба 3,6 миллиард доллар баробар гардидааст. Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон хабар дод.**

Ӯ гуфт, ки ин ба 25,2 фоизи ММД-и кишвар баробар аст. Ҳамчунин, аз ҳаҷми умумии қарзи давлатӣ 3,2 миллиард доллар қарзи беруна мебошад. Соли гузашта дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати кишвар бо созмонҳои байналмилалӣ барои ташаккули сарчашмаҳои иловагии даромади буҷети давлатӣ аз Бонки Осиёии Рушд 50 миллион доллар ва аз Иттиҳоди Аврупо 14 млн евро маблағҳои грантӣ барои дастгирии буҷети давлатӣ ҷалб карда шудааст.



**Дар вилояти Суғд давоми соли 2024-ум дар рафти гузаронидани амалиёти «Кӯкнор» 55 ҷинояти марбут ба гардиши ғайриқонунии моводи нашъаовар ошкор шуд.**

Дар ин бора иҷрокунандаи вазифаи раиси Раёсати Агентии назорати моводи нашъаовари назди Президенти Тоҷикистон дар вилояти Суғд Максуд Сафарализода иттилоъ дод.

Бино ба маълумоти ӯ, дар натиҷаи амалиёти мазкур 65 килою 193 грамм моводи нашъаовар мусодира гардид, ки аз ин 6 килою 53 грамм навъи героин, 23 килою 478 грамм моводи нашъаовари афюн, 32 килою 806 грамм навъи бангдона ва 2 килою 856 грамм моддаҳои психотропӣ буданд.

# ЗЕЛЕНСКИЙ НОРОЗИСТ

## Масъалаи Украина ба фоидаи кӣ ҳал мешавад?

**Аввалин музокироти мақомоти баландпояи ИМА ва Русия аз замони оғози ҷанг дар Украина, рӯзи 18-уми феврал дар шаҳри Риёз, пойтахти Арабистони Саудӣ беш аз панҷ соат идома кард. Ин музокирот бахше аз талошҳои дипломатии Амрико барои поён додан ба ҷанг дар Украина гуфта мешавад. Дар ин вохӯрӣ ҳамчунин мавзӯи фароҳам кардани вохӯрии роҳбарони Амрико ва Русия баррасӣ шудааст.**



Дар ин музокирот Русияро Сергей Лавров, вазири корҳои хориҷӣ ва Юрий Ушаков, ёвари раисҷумҳур ва Кирилл Дмитриев намояндагӣ карданд. Аз ҷониби Амрико Марко Рубио, вазири хориҷа, Ҷон Рэтклиф, раиси Хадамоти марказии истихборот, Майк Уолтс, мушовири амнияти миллӣ ва Стив Уиткоф, фиристодаи махсуси ин кишвар дар Ховари Миёна иштирок доштанд.

Пас аз анҷоми музокирот мақомоти Русия ба хабарнигорон гуфтанд, ки ин гуфтугуҳо қадами нахуст буд. Ба гуфтаи Юрий Ушаков, ёвари президенти Русия, мулоқот "хуб гузашт".

Ушаков ҳамчунин афзуд, ки ду тараф ба мувофиқа расиданд, ки намояндагони ду кишвар вазъият дар Украинаро баррасӣ кунанд. Мақомдори рус илова кард, ки ба таври мухтасар дар бораи мулоқоти эҳтимолии Путин ва Трамп ҳам гап задаанд, ҳарчанд ба гуфтаи Юрий Ушаков, дар бораи санаи дақиқи ин вохӯрӣ суҳбат кардан барвақт аст.

Вале пас аз ин мулоқот Доналд Трамп гуфтааст, ки эҳтимол мулоқоти ӯ бо Путин рӯзҳои наздик сурат бигирад.

Сухангӯи президенти Федератсияи Русия Дмитрий Песков ҳам гуфтааст, ки мулоқоти Владимир Путин ва Доналд Трамп “имкон дорад то охири моҳи феврал” баргузор шавад.

Департаменти давлатии ИМА хабар додааст, ки ҳайатҳои ду кишвар ба мувофиқа расиданд, ки барои ба эътидол овардани равобити дипломатӣ дар равобити худ “хашмро канор гузоранд”.

Марко Рубио, котиби давлатии ИМА таъкид кардааст, ки дар пеш кори зиёд аст ва вохӯрии имрӯза “қадами нахуст дар роҳи дароз ва тӯлонӣ буд”. Рубио гуфтааст, ки Амрико тарафдори як сулҳи пойдор ва одилона дар Украина мебошад.

Тэмми Брюс, сухангӯи Департаменти давлатии Амрико дар баёнияе гуфтааст, ки Маскав ва Вашингтон ҳамчунин ба таъини гурӯҳҳои баландпоя барои музокирот дар бораи Украина мувофиқат кардаанд. Мақомдори амрикоӣ афзудааст, ки “барои ҳарчи зудтар хотима додан ба ҷанг дар Украина кор мекунем. Мо талош мекунем роҳе ёбем, ки барои ҳама қобили қабул бошад”.

Ба нишаст дар Арабистони Саудӣ намояндагони Украина даъват нашуданд ва тарҳ барои поёни ҷанг ҳам маълум нест.

Владимир Зеленский бо нигаронӣ аз ҳузур надоштани намояндагони кишвараш дар нишасти Арабистон гуфт, Киев “ҳама гуна музокира дар бораи Украина бе ҳузури Украинаро бенатиҷа медонад. Ҳеҷ созише, ки бе мо баррасӣ шудааст, қабул надорем ва онро эътироф ҳам намекунем”. Ӯ гуфтааст, ки "мо намехоҳем касе бе мо барои мо тасмим бигирад... Бидуни Укроин ҳеҷ тасмиме наметавон барои поён додан ба ҷанг дар Укроин гирифт". Зеленский пас аз ин мулоқот сафарашро ба Арабистони Саудӣ, ки бояд 19-уми феврал сурат мегирифт, барои 3 ҳафта тамдид кардааст.

Марк Рубио, вазири корҳои хориҷии Амрико таъкид кардааст, ки дар нишастҳои аслӣ барои сулҳ ҳатман тарафи Украина даъват хоҳад шуд.

18-уми феврал Доналд Трамп, президенти Амрико пас аз анҷоми музокироти намояндагони ИМА ва Русия дар Риёзи Арабистони Саудӣ дар нишасти хабарӣ дар Флорида дар посух ба интиқоди Владимир Зеленский аз ин нишаст гуфтааст: “Киев барои худдорӣ аз ҳамлаи Маскав бояд се сол пеш бо Русия созиш мекард”.

Доналд Трамп, президенти ИМА аз замони бозгаштан ба Кохи Сафед борҳо эълон кардааст, ки барои қатъи ҷанг дар Украина талош мекунад. “Мо ба пеш ҳаракат дорем. Талош дорем, ки ба сулҳи миёни Русия ва Украина даст ёбем ва барои ин сахт кор мекунем. Ин ҷанг ҳеҷ гоҳ бояд оғоз намешуд”,- гуфт Трамп.

Пас аз оғози ҷанги Украина Амрико пуштибони аслии ин кишвар дар задухӯрд бо Русия буд. Дар се соли ҷанг ин кишвар миллиардҳо доллар аслиҳаву лавозимоти ҷангӣ сарф ва сармоягузории мустақим кардааст.

Вале бо омадани Доналд Трамп ба курсии президентӣ дар ин кишвар сиёсати Амрико нисбати ин ҷанг тағйир ёфт. Доналд Трамп сиёсати президенти собиқро дар робита ба ҷанги Украина интиқод карда, гуфтааст, ки агар ӯ президент мебуд, ҳеҷ гоҳ ба оғози ин ҷанг роҳ намедод. Ӯ гуфтааст, ки бар ивази кумакҳои молӣ ва низомӣ ба Украина бояд ба коркарди захираҳои маъдани ин кишвар даст ёбад. Вале Зеленский дар нишасте дар Мюнхен шартномаи соҳибӣ кардани ИМА-ро ба конҳои маъдани кишвараш имзо накард.

# 20 ГУРӮҲИ ТЕРРОРИСТӢ ДАР АФҒОНИСТОН

**Коршиносони Гурӯҳи дастгирии таҳлилӣ ва мушоҳидаи таҳримҳои назди СММ бар ин назаранд, ки ба ҳолати охири соли 2024 дар Афғонистон зиёда аз 20 гурӯҳҳои террористӣ амал мекарданд, ки натанҳо ба амнияти дохилии ин кишвар, балки дар умум Осиёи Марказӣ таҳдид мекунад. Ин хулоса дар гузориши СММ нашр шудааст.**

Дар ҳамин ҳол, ба гуфтаи муаллифони гузориш, Толибон бисёр вақт ба баъзе аз ин гурӯҳҳо, аз ҷумла гурӯҳҳои марбут ба сохтори байналмилалии террористии “Ал-Қоида”, ки аз муҷоҳидон дар саросари дунё пуштибонӣ мекунанд, кумак мерасонанд.

Ба ин тариқ, мақомоти Афғонистон ба ифротгароён паноҳгоҳ, урдугоҳҳои таълимӣ фароҳам оварда, баъзан кумаки моддӣ мерасонанд ва инчунин барои роҳбарон ва фармондеҳони ҷунбишҳои алоҳида муҳофиз таъин кардаанд.

Ин ҷо сари гурӯҳҳои ғайриафғонӣ, аз ҷумла “Таҳрики Толибони Покистон”, “Ҳаракати исломии Ӯзбекистон” ва “Ҷамоати Ансоруллоҳ”, ки асосан аз зодагони кишварҳои Осиёи Марказӣ иборатанд, сухан меравад.

## Аз нишастҳои матбуотӣ



**Нуриддин Муҳиддинзода, ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино оид ба қазияи донишҷӯёне, ки 1 нафарро латукӯб кардаву дастгир шуданд, маълумот дод.**

Ӯ дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки ҳамаи онҳо, яъне 6 нафар тибқи муқаррароти донишгоҳ хориҷ карда шуданд. Фармони ихроҷи онҳо пас аз як рӯзи иҷрои ҷинояти авбошӣ имзо шуд.

“Табиб бояд гиребонгири инсон набошад. Агар ҷавоне, ки ҳиссиёти инсондӯстӣ надошта бошад, беҳтараш ин риштаро интихоб накунад. Муҳаббати духтур ба ҷомеа бояд беандоза бошад, аз дигарон фарқ кунад”,- афзуд ректор.



**70 фоизи донишҷӯён дар филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе дар гурӯҳҳои буҷавӣ таҳсил менамоянд. Дар ин бора директори филиали мазкур Рустам Ғаниев хабар дод.**

Ӯ иброз дошт, ки 90 фоизи хатмкардаҳои филиал бо кор таъмин мешаванд. «Соли 2024 аз 113 хатмкардаи филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе 89 нафари онҳо бо ҷойи кор таъмин гардида, 13 нафар ба магистратура дохил шуданд»,- таъкид намуд Рустам Ғаниев.



**Айни замон дар Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон 126 донишҷӯи хориҷӣ таҳсил доранд, ки онҳо аз Ӯзбекистон, Ҳиндустон, Покистон, Бангладеш, Танзания, Арабистони Саудӣ ва Норвегия мебошанд.**

Дар ин бора ректори донишкада Зарина Ибодзода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Ӯ афзуд: “Дар Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон 188 гурӯҳи таълимӣ мавҷуд аст, ки аз ин 92 гурӯҳ бо забони давлатӣ, 90 гурӯҳ бо забони русӣ ва 6 гурӯҳ бо забони англисӣ таҳсил намуда истодаанд”.

Гуфта шуд, ки дарсҳои амалӣ-клиникӣ ва токлиникӣ, таҷрибаомӯзии донишҷӯён дар назди Маркази клиникӣ, таълимии назди донишкада гузаронида мешавад.

# УТИЛИЗАТСИЯИ НАҚЛИЁТ

## 1,7 млрд сомонӣ ба буҷет ворид шуд

**Нобудсозӣ ё ба ибораи дигар, “утилизатсия”-и воситаҳои нақлиёт дар Тоҷикистон соли гузашта ҳатмӣ шуда буд. Мақомоти дахлдор мегӯянд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети кишвар 1,7 млрд сомонӣ ворид шудааст.**



### МОШИНҲОИ ФАРСУДАРО ЧӢ КОР МЕКУНАНД?

Пардохт барои нобудсозии нақлиёт дар тамоми давраи фаъолияти воситаи нақлиёт як маротиба супорида мешавад. Маблағи пардохт аз категорияи воситаҳои нақлиёт ва нишодиҳанда барои ҳисобҳо вобаста аст. Барои соли 2024-ум аз 360 сомонӣ (5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) то 2880 сомонӣ (40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо) буд.

Маблағи “утилизатсия” ҳангоми ба қайд гузоштани мошин ва ё гузаштан аз муоинаи техникӣ супорида мешавад ва БДА ба соҳиби мошин ҳуҷҷати тасдиқкунанда медиҳад. Баъди ба охир расидани муҳлати истифодаи мошин ин ниҳод онро бояд дар маҳали махсус нест нобуд кунад. Аммо то ҳол дар Тоҷикистон чунин ҷойи махсус вуҷуд надорад.

Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон дар нишасти матбуотии охир гуфт, ки ҳоло лоиҳаи сохтмон барои несту нобуд кардани мошинҳо омода шуда истодааст. Ӯ гуфт, ки эҳтимол сохтмони чунин майдон 1 ё 1,5 солро дар бар гирад ва баъдан раванди нобудсозӣ аз тарафи сохторҳои мақомоти корҳои дохилӣ оғоз мешавад.

“Баъди ба охир расидани муҳлати истифодаи мошин он фарсуда ва зарарнокиаш зиёд мешавад. Аз ин рӯ, бояд несту нобуд гардад”,- гуфт вазир.

Маблағи нобудсозии нақлиёт ба нишондиҳанда барои ҳисобҳо вобаста аст. Соли равон бо зиёд шудани нишондиҳанда ҳаҷми он ҳам аз 15 то 220 сомонӣ зиёд шуд. Агар соли 2024-ум 1 нишодиҳанда барои ҳисобҳо 72 сомонӣ бошад, имсол он ба 75 сомонӣ баробар шуд.

### АЗ 360 ТО 2880 СОМОНӢ

Дар Тоҷикистон соҳибони воситаҳои нақлиёт барои нобудсозии автомобилҳо аз 360 то 2880 сомонӣ маблағ пардохт бояд кунанд. Ин маблағ дар тамоми давраи фаъолияти нақлиёт як маротиба пардохт карда мешавад ва онро Бозрасии давлатии автомобилӣ (БДА) ҷамъоварӣ мекунад. Саидмумин Ҳасанзода, сардори шуъбаи ташвиқот ва тарғиботи раёсати БДА дар суҳбат бо “Азия-плюс” гуфтааст, ки чунин пардохти ҳатмӣ барои соҳибони воситаҳои нақлиёт дар асоси қарори ҳукумат аз 30-юми декабри соли 2023 ҷорӣ шуд. Ба гуфтаи ӯ, барои соҳибони мототсиклҳо пардохти ҳатмӣ барои нобудсозӣ 360 сомонӣ ё 5 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои мошинҳои сабукрав ва нақлиёте, ки аз 10 одам бештар мекашонанд, 1584 сомонӣ ё 22 нишондиҳанда барои ҳисобҳо, барои камаз, кранҳо ё воситаҳои нақлиёти гаронвазн 2880 сомонӣ ё 40 нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррар шудааст. Ин маблағест, ки соли гузашта таъин шуда буд. Маблағи мазкур дар тамоми вақти фаъолияти нақлиёт як маротиба пардохт ва санади тасдиқкунанда ҳам дода мешавад.

Масъалаи супоридани маблағ барои нобудсозӣ ё “утилизатсия”-и воситаҳои нақлиёти автомобилӣ 26-уми декабри соли 2023 дар асоси тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет” ҳатмӣ шуд. Он замон Файзиддин Қаҳҳорзода, вазири молияи Тоҷикистон зимни муаррифии он дар назди вакилони парлумон гуфт, ки он “бо мақсади таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон ва муҳити зист аз таъсири зарари партовҳо, инчунин дарёфти сарчашмаҳои иловагӣ ба қисми даромади буҷети давлатӣ таҳия гардидааст”.

Ба гуфтаи вазир, ин таҷриба дар Ӯзбекистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Беларус ва Русия низ будааст.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

# ДУШАНБЕ ПЕШСАФИ АФЗОИШИ АҲОЛӢ

**Дар нишасти хабарии Агентии омори Тоҷикистон иттилоъ доданд, ки соли 2024 афзоиши аҳолӣ дар кишвар ба 21 нафар сари ҳазор сокин расидааст, ки нисбат ба соли гузашта 5,4% зиёд мебошад.**



Ба гуфтаи Директори Агентии омор Ҷамшед Нурмаҳмадзода нишондиҳандаи таваллуд 24,2 нафар ва фавт 3,2 нафар ба ҳар 1000 аҳолӣ ташкил додааст.

Аз ҳама бештар таваллуд дар Душанбе афзуда, бо 10% зиёд шудааст. Дар дигар минтақаҳо низ афзоиш мушоҳида мешавад:

- ВМКБ – 2%
- Хатлон – 3,3%
- Суғд – 3,7%
- Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ – 7%

Ҷамшед Нурмаҳмадзода Директори Агентии омор мегӯянд, ки тамоюли афзоиши аҳолӣ идома дорад.

# 27 МЛН ДАРОМАД ВА 4,8 МЛН АНДОЗИ БЛОГЕРОН

**То моҳи январи соли 2025 дар мақомоти андози кишвар 114 блогер расман сабти ном шуда, назар ба ҳамин давраи соли гузашта 26 субъект афзудааст.**

Аз Кумитаи андози кишвар хабар медиҳанд, ки 71 блогер ба сифати соҳибкори инфиродӣ ба қайд гирифта шуда, бар асоси шаҳодатнома кор мекунанд ва 43 блогер ба сифати шахсони ҳуқуқӣ фаъолият доранд.

Аз Кумита хабар медиҳанд, ки соли 2024 даромади умумии блогерон 27 млн сомонӣ (худуди 2,5 млн доллар)-ро ташкил дода, 4,8 млн сомонӣ (448 ҳазор доллар) ба пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ равона шудааст.

Ёдовар мешавем, ки аз соли 2021 ба ин ҷониб блогерони Тоҷикистон бояд аз даромадҳояшон дар шабакаҳои иҷтимоӣ андоз супоранд.

Тибқи қонунгузории андози кишвар, блогере, ки ба сифати соҳибкори инфиродӣ бар асоси шаҳодатнома кор мекунад, андозро бо тарифи соддашуда дар ҳаҷми 6% аз даромади умумии худ ва блогере, ки ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст, аз фоидаи худ 18% андоз пардохт мекунад.

## РЕЗААХБОР

Дар пойтахти Тоҷикистон “Боғи дӯстӣ” бунёд мешавад, ки рамзи ҳамкории Тоҷикистону Ӯзбекистон дар бахши кишоварзӣ хоҳад буд. Ба иттилои Вазорати кишоварзии Ӯзбекистон, ҳафтаи гузашта як ҳайати ин кишвар тахти роҳбарии директори Агентии рушди саноати кишоварзӣ ба Душанбе сафари корӣ анҷом дод. Дар чараёни боздид онҳо бо муовини аввали вазири кишоварзии Тоҷикистон Нуралӣ Асозода мулоқот намуда, ҷузъиёти татбиқи лоиҳаро баррасӣ карданд.

***

16-уми феврали соли равон дар толори Филармонияи давлатии Тоҷикистон маҳфили ёдбуди ҳунарманди шинохта Муқаддас Набиева баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Тоҷикистон тахти унвони “Агар аз ту ёд ояд...” доир шуда, дӯстдорони ҳунар ва ҳамкорони ӯро гирд оварид.

***

13-14-уми майи соли 2025 шаҳри Душанбе мизбони Форуми XVIII зиёиёни эҷодкори кишварҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) хоҳад шуд. Тибқи иттилои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, мувофиқа барои баргузории форум зимни мулоқоти Қобилҷон Хушвахтзода, президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон бо Тахир Иксанов, директори иҷроияи Хазинаи байнидавлатии ҳамкории башардӯстонаи мамлакатҳои ИДМ ҳосил шудааст.

***

Тоҷикистон ва Аморати Муттаҳидаи Араб (АМА) масъалаи ифтитоҳи хатсайрҳои мустақими ҳавоӣ байни Душанбе - Абу-Дабӣ ва Душанбе - Шарҷаро баррасӣ карданд. Ба иттилои Оҷонсии ҳавонавардии Тоҷикистон, ин масъала 11-уми феврал дар мулоқоти Ҳабибулло Назарзода, директори агентӣ ва Муҳаммад Ал-Сувайдӣ, роҳбари Идораи ҳавонавардии АМА муҳокима гардид.

***

Дар Душанбе ҷаласаи муштараки Вазорати корҳои дохилии Тоҷикистон ва Русия баргузор мешавад. “Дидори мазкур моҳи октябри соли 2025 дар назар аст ва мавзуҳои асосӣ ҳамкориҳои воҳидҳои тафтишотӣ ва мубоsearchии муштарак бо терроризм, ифротгароӣ ва қочоқи маводи мухаддир хоҳад буд”,- гуфт вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода.



# ЗАБОНИ ФОРСӢ ВА ФАТВОИ ҶАСОРАТОМЕЗИ ИМОМ АБУҲАНИФА

**Фатвои ҷасоратомези Имом Абуҳанифа (р): “Қуръон маъност ва лафзи арабӣ амрест ориз ва чун маъно асл аст, пас чӣ фарқе мекунад, ки он маъно ба арабӣ адо шавад ё ба форсӣ?!”. Ин фатвои ҷасоратомези Имом Абуҳанифа илова бар ин ки аз дифои забони форсӣ буд ва рафъи иттиҳом аз гӯяндагони ин забон, сабаб шуд, ки эрониён ва хуросониён дилчаспиашон ба ислом зиёд шавад.**

## ПАЁМБАР МУҲАММАД ВА ЗАБОНИ ФОРСӢ

Имом Бухорӣ дар китоби “Ҳадис”-и худ боберо мунъақид карда ба унвони “Дар бораи ин ки Пайғамбари ислом ба форсӣ сухан гуфта” ва дар он боб ривоятеро оварда, ки нишон медиҳад Ҳазрати Расул “сур”-ро, ки вожае форсӣ аст, дар лобалои суханонаш ба кор гирифтааст. Муҳаммад ибн Исмоили Бухорӣ бо ин кори худ мехоста онҳоеро, ки забони форсиро қадҳу замм мекардаанд ва онро “забони габрон ва дӯзахиён” мешумурдаанд, муҷоб кунад, то ба иштибоҳи худ пай бибаранд ва даст аз душманӣ бо забони форсӣ, ки забони модарии Имом Бухорӣ ҳам буда, бардоранд.

Олимони дини форсизабон ривоятеро нақл мекардаанд, ки мегуфт: “Аз он ҷое ки Ҳазрати Расули Акрам хеле Салмони Форсиро дӯст медошт, гоҳе бар забонаш вожаҳои форсӣ ҷорӣ мешуд. Аз Икрима ривоят шудааст, ки аз Ибни Аббос пурсид: “Оё Расули Худо ба форсӣ сухан задааст?”. Ибни Аббос гуфт: “Оре. Як бор Салмони Форсӣ ба назди он Ҳазрат ворид шуд, Пайғамбар барои хушомадгӯии ӯ фармуд: “дурустия”, “шодия” = “дурустӣ” ва “шодӣ”. Муҳаммад ибни Умайл гуфтааст: “Ба назарам Ҳазрати Расул мехоста барои Салмон ба форсӣ “Марҳабан ва аҳлан” бигӯяд” (“Субҳ-ул-аъшо фӣ саноат-ил-иншо”, Абулъаббос Аҳмад ал-Қалқашандӣ).

Имом Сархасӣ ҳам дар китоби “Ал-Мабсут”-и худ нақл мекунад, ки аҳли Форс аз Салмони Форсӣ хостанд, ки сураи Фотиҳаро барои онҳо ба забони форсӣ тарҷума кунад, то онро дар намоз қироат кунанд. Салмон аз Пайғамбари ислом иҷоза гирифт. Пайғамбари Акрам гуфт: “То замоне ки забони онҳо ба талаффузи калимоти арабӣ одат накарда, метавонанд сураи Фотиҳаро ба форсӣ бихонанд.” Ин буд, ки Салмони Форсӣ сураи Фотиҳаро барои аҳли Форс ба форсӣ тарҷума кард ва ӯ “Бисмиллоҳ-ир-раҳмон-ир-раҳим”-ро «Ба номи Яздони бахшоянда» баргардон кард ва бад-ин гуна барои нахустин бор Салмони Форсӣ Қуръонро ба форсӣ тарҷума намуд. Мардуми Форс то замоне, ки талаффузи калимоти арабиро ёд нагирифта буданд, сураи Фотиҳаро ба форсӣ мехонданд.

## ТАРҶУМАИ ҚУРЪОН БА ФОРСӢ

Дар садаҳои нахустини ислом касоне буданд, ки бо тарҷумаи Қуръон ба забонҳои дигар аз поя мухолиф буданд ва мегуфтанд, аз он ҷое ки Қуръон муъҷиза аст ва дар авҷи фасоҳат ва балоғат қарор дорад, тарҷумаи дақиқи он ба забонҳои дигар номумкин аст. Вале Мансур ибни Нуҳи Сомонӣ, яке аз подшоҳони силсилаи Сомониён, ки пойтахти ҳукуматаш дар Мовароуннаҳр - ҷое ки яке аз марказҳои муҳими форсизабонон дар он давра буд - қарор дошт, дастур дод, ки «Ҷомеъ-ул-баён фӣ тафсир-ил-Қуръон»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табариро аз Бағдод ба Мовароуннаҳр биёваранд ва аз уламои Бухоро ва Балх, ки бештарин ҳанафимазҳаб буданд, дар бораи ҷавози тарҷумаи Қуръон ба форсӣ пурсид ва онҳо иҷмоан фатво ба ҷавози чунин коре доданд. Қадимитарин китобе, ки пас аз ислом ба забони форсӣ навишта шуда ва ба дасти мо расида, рисолаеаст ба номи «Рисола дар фиқҳи ҳанафӣ», ки фақеҳе ба номи Абулқосим Муҳаммад ас-Самарқандӣ навиштани онро дар соли 954 ба поён бурдааст. Далели навиштани ин китоб ин буда, ки «авоми халқ» мехостаанд масоили динӣ ва фиқҳиро бидонанд, аммо ба забони арабӣ ошноӣ надоштаанд ва ин китоб дар садади баровардани ниёзҳои мардуме буда, ки ташнаи огоҳӣ аз дини худ будаанд.

Пас аз он, «Шоҳнома»-е ба фармоиши Абумансур Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ба форсӣ нигошта шуд. Вазири ӯ касе буд ба номи Абумансур Муҳаммад ал-Муаммарӣ, ки кори гирдоварии ин «Шоҳнома»-ро бар ухда гирифт ва дар соли 957 ин корро ба поён расонд. Гӯё Абумансур худро аз силсилаи Сосониён медониста ва бо навиштани ин «Шоҳнома» мехоста номи ниёкони худро зинда кунад ва аз номи онҳо барои ҳукумат кардан бар мардум баҳрабардорӣ кунад.

Пас аз он, ду китоби «Таърихи Табарӣ» ва «Тафсири Табарӣ»-ро дар соли 963 ба форсӣ баргардон карданд. Ин кор ба дастури Амир-ул-Музаффар Абусолеҳ ибни Нуҳ ибни Насри Сомонӣ анҷом шуд. Дар муқаддимаи тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» дар бораи иллати баргардонидани «Тафсири Табарӣ» ба форсӣ чунин омадааст: «Ва чун «Тафсир»-ро, ки чиҳил ҷилд буд, аз Бағдод оварданд ва хондани он ба забони арабӣ ва фаҳми он бар Амир мушкил менамуд, фақеҳони Мовароуннаҳрро даъват кард ва аз онҳо фатво дар ҷавози тарҷумаи тафсири Қуръон хост ва онон ба ин кор фатво доданд».

## СОМОНИЁНИ ҲАНАФИМАЗҲАБ ВА ЗАБОНИ ФОРСӢ

Давлати Сомониён (875-999), ки Хуросон ва Мовароуннаҳрро зери сайтараи худ дошт, нахустин давлате буд, ки пас аз ислом ба забони форсӣ таваҷҷуҳи вижае мабзул дошт.

(Давомаш дар саҳ. 13)




**ҲАФТАНОМАИ “ТОҶИКИСТОН” БАРОИ ДАРЁФТИ ҶОИЗАИ БА НОМИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР СОЛИ 2025 ОЗМУНИ "ТОҶИКОНИ САРБАЛАНД"-РО ЭЪЛОН МЕКУНАД!**

**Ҳадафи озмун:** Расонаҳои ҷаҳонӣ солҳои охир бештар дар бораи амалҳои манфии тоҷикон, аз ҷумла ҷинояту терроризм хабар медиҳанд, ки ин ба обрӯ ва симои миллат таъсири манфӣ мерасонад. Аз ин ҷост, ки мо набояд чеҳраҳои муваффақи тоҷиконро, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ фаъолиятҳои назаррас доранд, фаромӯш кунем.

Озмуни **"Тоҷикони сарбаланд"** ҳадаф дорад, ки тоҷикони муваффақро дар соҳаҳои гуногун - илм, фарҳанг, варзиш, сиёсат, соҳибкорӣ ва дигар бахшҳо муаррифӣ намуда, барои ҷавонон намунаҳои ибрат нишон диҳад.

Озмуни **“Тоҷикони сарбаланд”** аз 1-уми январи соли 2025 оғоз шуда, то 25-уми декабри соли 2025 идома меёбад.

**Шарти иштирок:**

- Маводҳо бояд дар бораи тоҷиконе бошад, ки дар хориҷи кишвар муваффақ шудаанд.
- Маводҳо бояд ҳаёти шахсони номбурда, роҳҳои муваффақият ва саҳми онҳоро дар соҳаи фаъолияти худ ба таври фарогир инъикос намоянд.
- Ҳар як иштирокчӣ метавонад аз як то се мавод пешниҳод кунад.
- Маводҳо дар қолаби мақола, мусоҳиба, очерк ва лавҳа қабул карда мешаванд.
- Омодасозии як маҷмӯа аз маводҳои беҳтарин дар шакли китоб ва видео.

Ғолиби озмун бо мукофоти пулӣ ва **Ҷоизаи ба номи Муродуллоҳ Шерализода** қадрдонӣ мешавад.

**МАТОЛИБИ ОЗМУН ДАР ШАКЛИ КИТОБ НАШР ХОҲАНД ШУД.**

# ЗАМЗАМАИ ДӮСТИИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

**Шаҳри бостонии Самарқанд тайи ду рӯзи ҳафтаи гузашта ба як ҳамоиши доманфарроҳи фарҳангӣ мизбонӣ намуд. Ин ҳамоиш таҳти унвони "То тавонӣ дӯстонро гум макун" баргузор гардид ва аҳли адабу фарҳанги тоҷику ӯзбекро гирди ҳам овард. Ҳамоиш бо ибтикори Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар ҳамкорӣ бо ҳокимияти вилояти Самарқанд ва Донишгоҳи давлатии Самарқанд ба номи Шароф Рашидов роҳандозӣ шуд.**



## СУХАН АЗ ДӮСТИИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

Нахустин чорабиние, ки дар шаҳри бостонии Самарқанд доир гашт, конфронси илмию амалӣ буд, ки онро бо сухани муқаддимавӣ самуҳаррири рӯзномаи "Зарафшон"-и Самарқанд Фармон Тошев кушод. Номбурда зикр кард, ки сол аз сол равобит миёни ду кишвар дар ҳамаи соҳаҳо тавсеа меёбад.

"Дар таърихи дӯстиву рафоқати байни ду халқ сафарҳои расмии сарони ду кишвар дар соли 2018 ҷойгоҳи хосеро касб менамояд. Махз баъди ду даҳсолаи хомӯшӣ бо ташаббуси сарварони ду давлат - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон мухтарам Шавкат Мирзиёев яхҳо об шудаву муносибатҳо аз сар гирифта шуданд. Дар айни ҳол робитаҳои ҳамкории мо дар самтҳои гуногун рушду нумӯъ менамоянд. Оини неки дӯстиву бародарии тоҷикону Ӯзбекистон тӯли асрҳо аз насл ба насл гузаштааст, ки дар садри он ду алломаи бузург - Мавлоно Абдурахмони Ҷомӣ ва Мир Алишери Навоӣ қарор доранд",- изҳор намуд сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода.

## ҲАМОИШИ ҲАМДИЛӢ

*"То тавонӣ дӯстонро*
*гум макун,*
*Дӯстони меҳрубонро*
*гум макун.*

Ин байти мондагори устод Мирзо Турсунзода, ки тайи фаъолияти сиёсию давлатӣ ва эҷодию маърифатӣ бо бузургтарин чеҳраҳои номдори сиёсату адабиёту фарҳанги ҳамҷавори дӯсту бародари мо -Ҷумҳурии Ӯзбекистон Ҳамид Ғулом, Ғафур Ғулом, Зулфия ва соири намояндагони бузурги кишвари хамсоя ошноӣ ва дӯстию рафоқати ҳамешагӣ доштанд, халқаи васли ду миллатро ба ҳам ҷовидонӣ мепайванданд",- гуфт раиси Фарҳангистони улуми Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода ва дар идома аз равобити дӯстиву ҳамкории аҳли илму адаби тоҷику ӯзбек суҳбат кард.

Муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Ато Мирхоҷа, Шоири халқии Тоҷикистон Аскар Ҳаким, ҷонишини сардабири рӯзномаи "Овози тоҷик" Тоҷибой Икромов, муовини вазири фарҳанги Тоҷикистон Давлат Сафар, ректори Донишкадаи омӯзгорӣ дар шаҳри Панҷакент Муаззамхон Ансорӣ ва чанде дигарон дар робита бо таҳкими дӯстиву рафоқати ду халқи бародар харфҳои самимӣ ироа намуданд.

Ин конфронсро суруду таронаҳои ҷаззоби Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон Мардони Мавлон, Ҳунарпешаҳои шоистаи Тоҷикистон Тошбой Салимзода ва Асадулло Атовуллоев ва овозхони ҷавон хусни хотима бахшид.

Дар ҷаҳорҷӯби ин конфронс намоиши суратҳои рассомони ҷавони Самарқанд ва аксҳои фаровони аккоси тоҷик Шуҳрат Ёров баргузор гардид. Меҳмонону мизбонон ин намоишгоҳро тамошо карданд ва ба соҳибони сурату аксҳо офарин хонданд.









## ДАР МЕҲМОНИИ УСТОД АЙНӢ

Меҳмонони тоҷикистониро дар Осорхонаи устод Садриддин Айнӣ як гурӯҳ толибилмони мактабҳои тоҷикии шаҳри Самарқанд истиқбол гирифтанд ва аз осори устод Айнӣ шеърҳо қироат намуданд. Баъд аз он ки дар пояи нимпайкараи устод Айнӣ акс гирифтанд, мудири осорхона Амриддин Пӯлодӣ ба меҳмонон дар бораи таърихи ин осорхона маълумоти мухтасар ироа кард. Маълум шуд, ки ҳоло ин осорхона тармими куллӣ мешавад, бо вуҷуди ин меҳмонон тавонистанд аз чанд утоқи он, ки устод Айнӣ дар он зиндагиву эҷод кардааст, боздид кунанд. Дар чараёни ташриф адибони тоҷик ба хазинаи китобхонаи осорхона даҳҳо адад китобҳои тозанашри худро тухфа карданд.

Баъди суҳбату мулоқотҳо меҳмонон ба майдони Регистон ташриф оварданд ва биноҳову иншооти меъмориро тамошо карданд.

## МАРКАЗИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК

14-уми феврал меҳмонон аз осорхонаи Донишгоҳи давлатии Самарқанд боздид намуданд. Дар он экспонатҳое ҳифз мешаванд, ки ба давраҳои гуногуни таърихӣ марбутанд. Баъд онҳо дар маросими ифтитоҳи утоқи забон ва адабиёти тоҷикӣ ин донишгоҳ ширкат намуданд.

Маросими ифтитоҳи утоқи мазкурро ҷонишини ректори донишгоҳ профессор Аҳмадҷон Солеев кушод ва гуфт, ки ин донишгоҳ бо чанде аз донишгоҳҳои Тоҷикистон ҳамкории наздик дорад.

Дар ҷевонҳои ин утоқ китобҳои мухтавоъяшон гуногун чида шуда, деворҳои онро аксу суратҳои адибони классикӣ ва муосири тоҷик оро медиҳанд. Гуфта шуд, ки ин кор маҳз бо саҳму талоши Сафорати Тоҷикистон дар Тошканд сурат мегирад.

## "ГАНҶИ СУХАН" МЕҲМОНИ САМАРҚАНДИЁН

Дар толори факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд маҳфили адабии "Ганҷи сухан" нишасти 225-уми худро баргузор кард. Роҳбари ин маҳфил адабиётшинос Саидумрон Саидов аз Сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон академик Абдуҷаббор Раҳмонзода сипосгузорӣ кард, ки тайи чанд соли охир ҷорум маҳфили "Ганҷи сухан"-ро дар Ӯзбекистон ташкил кардааст. Қабл аз ин "Ганҷи сухан" меҳмони Фарғона, Тошканд ва Самарқанд будааст.

Дар маҳфил шоирон Аскар Ҳаким, Ато Мирхоҷа, Давлат Сафар, Баҳром Раҳматзод, Абдулло Субҳон, Паймон, Хоҷа, Дилшодаи Фарҳодзод ва Асадулло Исмоилзода аз ашъори ноби худ қироат карда, табъи аҳли толорро хушу болида сохтанд.

Дар умум ду рӯз, яъне рӯзҳои 13 ва 14-уми феврали соли равон рӯзҳои дӯстии Тоҷикистону Ӯзбекистон буд. Умедворем, ки чунин чорабиниҳо дар оянда зиёд шаванд ва рафоқати ду кишвари абадан дӯст - Тоҷикистону Ӯзбекистонро мустаҳкам намоянд.

**Мирасрори ФАРҒОНӢ,
журналист,
шаҳри Самарқанд**




## Порча аз китоби Шариф Ҳамдампур

# «ДОСТОНИ

**"Достони писари муаллим" на танҳо як зиндагинома, балки дарси ибрат, ифтихор ва садоқат ба меҳнату ватан аст. Муаллиф бо як шеваи муассир ҳаёти Гул Шералиро аз айёми кӯдакӣ дар деҳаи Олучадара, шикасту бурдҳои ӯ дар роҳи донишандӯзӣ, муборизаҳои шадид барои ба даст овардани муваффақият ва саҳмаш дар рушди энергетика, саноат ва мелиоратсияро ба риштаи тасвир мекашад. Ҳар саҳифаи он шоҳиди заҳмат, иродаи қавӣ ва садоқати қаҳрамон ба халқу диёр аст. Китоб дар худ лаҳзаҳои таъсирбахши муҳоҷират аз деҳа, мубориза барои таҳсил, кор дар Фархор, Данғара ва Душанбе, сохтмони каналҳо, эҳёи заминҳои ташналаб ва нақши ӯ дар татбиқи лоиҳаҳои стратегиро таҷассум мекунад. Ин асар дар баробари ёддоштҳо, раҳнамо барои насли ҷавон аст.**

### МУҚОВИМАТ БА БУҲРОНИ ЭНЕРГЕТИКӢ

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ кишварҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон, бо мушкилоти шадиди энергетикӣ рӯ ба рӯ шуданд. Ин мушкилот асосан аз қатъи робитаҳои мутақобилаи иқтисодӣ ва пошхӯрии системаи ягонаи энергетикӣ бархоста буданд. Тоҷикистон, ки бо захираҳои гидроэнергетикии худ дар замони шӯравӣ ҳамчун яке аз таъминкунандагони калидии барқ дар минтақа шинохта мешуд, ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар давраи шӯравӣ Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Қазоқистон дар доираи системаи ягонаи энергетикӣ ҳамкорӣ мекарданд. Ин ҳамкорӣ ба кишварҳо имконият медод, ки вобаста ба мавсим дастрасӣ ба баркро барои якдигар таъмин кунанд. Дар тобистон, вақте ки дар Ӯзбекистон истгоҳҳои ҳароратии барқӣ таъмир мешуданд, Тоҷикистон бо истифода аз оби зиёди неругоҳҳои худ барқи зиёдатиро содир мекард. Дар зимистон, баръакс, вақте ки сатҳи об дар дарёҳо коҳиш меёфт, Тоҷикистон аз Ӯзбекистон барқ мегирифт. Ин низом на танҳо тавозуни энергетикиро дар минтақа таъмин мекард, балки барои рушди иқтисод ва зиндагии мардум низ мусоидат менамуд.

Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ин ҳамкориҳо қатъ шуданд. Ҳар кишвар кӯшиш мекард, ки системаи энергетикии худро мустақилона идора кунад. Аммо барои Тоҷикистон, ки иқтисоди он асосан аз содироти алюминий ва маҳсулоти кишоварзӣ вобаста буд, аз даст додани ин ҳамкориҳо оқибатҳои ҷиддӣ дошт. Иқтидори гидроэнергетикии кишвар, ки асосан аз неругоҳҳои обии барқӣ, мисли «Норак» ва «Бойғозӣ» иборат буд, барои таъмини доимии эҳтиёҷоти дохилӣ кофӣ набуд. Ин мушкилот боиси буҳрони шадиди энергетикӣ гардид.

Дар соли 2006, вақте ки Гул Шералӣ вазири энергетика ва саноат таъйин шуд, кишвар бо норасоии ҷиддии барқ рӯ ба рӯ буд. Тақрибан 70%-и аҳолии кишвар дар фасли зимистон бо қатъи доимии барқ рӯ ба рӯ мешуданд. Истеҳсоли барқ, ки асосан ба гидроэнергетика такя мекард, аз мавсимият сахт вобаста буд. Инфрасохтори энергетикӣ, ки аз замони шӯравӣ фарсуда шуда буд, дигар қобилияти интиқоли барқи кофиро надошт.

Гул Шералӣ масъулияти роҳбарии соҳаи энергетикаро дар чунин шароити душвор ба дӯш гирифт. Ӯ ба барқарор кардани устувории энергетикӣ ҳамчун яке аз афзалиятҳои асосӣ таваҷҷуҳ намуд. Дар давраи авҷи буҳрони энергетикӣ бо роҳбарии ӯ ва ҳидояти роҳбари давлат 220 стансияи хурди барқӣ дар минтақаҳои дурдаст бунёд шуданд. Ин иқдом ба коҳиш додани вобастагии маҳалҳо аз шабакаҳои марказии барқ мусоидат намуда, шароити зиндагии мардумро беҳтар кард. Ҳамчунин, сохтмони хати интиқоли 500-киловаттаи "Шимол-Ҷануб" дар давраи роҳбарии ӯ оғоз ёфт. Ин хати интиқол на танҳо робитаи энергетикии байни минтақаҳои кишварро мустаҳкам намуд, балки интиқоли устувори неруи баркро ба минтақаҳои ниёзманд таъмин кард.

Ҳамзамон, Гул Шералӣ ба таҳдид ва навсозии инфрасохтори энергетикӣ таваҷҷуҳи зиёд дод. Хатҳои интиқоли барқи кӯҳна таҷдид ва системаи тақсимоти барқ бо технологияҳои муосир муҷаҳҳаз гардиданд. Ин тадбирҳо ба коҳиши талафоти барқ ва баланд бардоштани эътимоднокии таъминоти энергетикӣ мусоидат карданд.

Масъалаи истифодаи самараноки неруи барқ низ аз ҷониби Гул Шералӣ ба таври ҷиддӣ баррасӣ гардид. Ӯ барномаҳои ҳавасмандгардонӣ барои истифодабарандагонро ҷорӣ намуд, ки ба сарфаи неруи барқ дар системаи энергетикӣ мусоидат карданд.

Тадбирҳои андешидашуда на танҳо ба беҳбуди таъминоти неруи барқ кумак карданд, балки ба рушди иқтисодиёти кишвар низ такони мусбат бахшиданд. Бо роҳи муттаҳидсозии захираҳо ва шариконии байналмилалӣ, Шералӣ Гул тавонист заминаи рушди устуворро дар соҳаи энергетика гузорад.

Яке аз қадамҳои аввалини ӯ ин буд, ки бо дастур ва ҳидоятҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон сохтмони НБО-и "Роғун"-ро ба маркази стратегияи энергетикии кишвар табдил диҳад. Ин лоиҳа, ки ҳамчун калиди истиқлолияти энергетикӣ барои Тоҷикистон шинохта мешуд, дар давраи роҳбарии ӯ ба марҳилаи нав ворид гардид. Шералӣ Гул бо талошҳои худ тавонист дастгирии дохилӣ ва байналмилалиро барои ин лоиҳа таъмин кунад.

*Ҷанги ирода:*

### БУНЁДИ "САНГТӮДА-1"

Дар фасли сарди зимистони соли 2006, вақте ки Тоҷикистон бо буҳрони шадиди энергетикӣ рӯ ба рӯ буд, умеди мардум ба сохтмони неругоҳи "Сангтӯда-1" равона шуд. Ин лоиҳа, ки таҳти ҳамкории Тоҷикистон ва Русия сурат мегирифт, метавонист роҳи ҳалле барои кам кардани бебарқӣ ва начоти кишвар дар вазъияти ногувор гардад. Аммо монеаҳои ҷиддии молиявӣ ва таъхирҳо дар маблағгузории Русия ба пешрафти сохтмон таҳдид мекарданд. Дар ин замина, нақши вазири энергетика ва саноат Шералӣ Гул ҳамчун роҳбаре, ки ба ҳалли масъала бо ҷиддият ва устуворӣ муносибат намуд, калидӣ буд.

Аҳолии кишвар, ки аксарият дар фасли сармо бе неруи барқ монда буданд, дар шароити тоқатфарсо зиндагӣ мекарданд. Бо вуҷуди ин, корҳои сохтмонии "Сангтӯда-1" бо суръати паст идома доштанд. Қарор буд, ки ин неругоҳ ба як манбаи асосии барқ табдил ёбад, аммо маблағгузории номуназзам аз ҷониби Русия боиси таъхир мегардид.

Президенти Тоҷикистон, ки вазъиятро бо ҷиддият назорат мекард, Шералӣ Гулро ба мулоқот даъват намуд. Дар як гуфтугӯи ҷиддӣ ва кӯтоҳ Президент ба ӯ бо қатъият фармон дод: "Масъалаи "Сангтӯда-1" бояд ҳоло ҳал шавад. Неругоҳ на танҳо барои иқтисод, балки барои зиндагии мардум аҳамияти ҳаётӣ дорад".

Гул Шералӣ, ки моҳияти супориши Президентро хуб дарк мекард, фавран ба амал гузашт. Вай аз утоқи кории Президент рост ба дафтари кории худ рафт ва бо вазири энергетикаи Русия Анатолий Чубайс тамос гирифт. Дар як суҳбати кӯтоҳ ӯ зарурати мулоқоти очили шахсиро шарҳ дод. Чубайс, ки сахт машғули кор буд, танҳо барои субҳи рӯзи дигар, соати 9:00 вақт ҷудо кард.

Гул Шералӣ аз утоқи кориаш рост ба фурудгоҳ рафт ва бо нахустин парвоз худро дар Маскав гирифт. Ҳар лаҳза барои ӯ арзишманд буд, зеро мардуми Тоҷикистон аз сардиҳои зимистон ранҷ мебурданд.

Баробари ба Маскав расидан, Гул Шералӣ рост ба идораи Чубайс рафт. Дар фазои расмӣ, вале пуршиддат мулоқоти ду вазир оғоз шуд. Гул Шералӣ бо далелҳо ва омори дақиқ вазъи буҳронии энергетикии Тоҷикистонро шарҳ дод. Вай аз Чубайс талаб кард, ки маблағгузорӣ ба «Сангтӯда-1» зудтар таъмин карда шавад. Бо суханони қотеъ ӯ гуфт: "Ҳар рӯзи таъхир барои мо як ҳафтаи сармо ва торикӣ барои мардум аст. Тоҷикистон наметавонад ин вазъиятро бештар таҳаммул кунад".

Чубайс, ки зери таъсири қатъият ва далелҳои Гул Шералӣ қарор гирифта буд, фавран масъулони сохтмони неругоҳро даъват намуд. Вай ба онҳо супориш дод, ки маблағгузорӣ тезонида шавад ва тамоми кори сохтмон бо авлавияти баланд иҷро гардад. Ҳамчунин, дастур дод, ки масъули бахши сохтмони "Сангтӯда 1"-и вазорат фавран ба Тоҷикистон сафар кунад ва сохтмонро таҳти назорат гиранд.

Пас аз анҷоми мулоқот Гул

# ПИСАРИ МУАЛЛИМ»

Шералӣ ҳатто лаҳзае барои дамгирӣ вақт надошт. Ӯ аз Маскав ба Душанбе парвоз кард ва бо фуруд омадан, рост ба идора рафта, ба Сарвазир ҳисобот дод: "Супориш иҷро шуд. Маблағгузорӣ таъмин гардид ва сохтмон идома хоҳад ёфт".

Ин лаҳза на танҳо як комёбии шахсӣ барои Гул Шералӣ буд, балки умеди наве барои мардуми Тоҷикистон ва қадами бузурге дар роҳи ба анҷом расонидани "Сангтӯда-1".

Бо барқарор шудани маблағгузорӣ, корҳои сохтмони "Сангтӯда-1" суръат гирифтанд. Дар соли 2008 агрегати аввал ба истифода дода шуд ва дар соли 2009 неругоҳ пурра фаъол гардид. Бо иқтидори 670 МВт, "Сангтӯда-1" ба яке аз манбаъҳои асосии неруи барқ дар кишвар табдил ёфт.

Ин ҳодиса нишон медиҳад, ки бо иродаи қавӣ, роҳбарии самаранок ва амалҳои фаврӣ ҳатто мушкилоти бузургро низ метавон ҳал кард. Шералӣ Гул на танҳо як роҳбар, балки як дипломати устувор буд, ки дар ин лаҳзаҳои душвор масъулиятро бар дӯш гирифта, барои мардуми худ хидмат кард. «Сангтӯда-1» ҳамчун рамзи дӯстии Тоҷикистону Русия ва иродаи мардум барои пирӯзӣ бар мушкилот боқӣ хоҳад монд.

## «САНГТӮДА-2»: ТОҶИКИСТОН ВА ЭРОН ҲАМКОРИ СТРАТЕГӢ

Лоиҳаи "Сангтӯда-2" яке аз лоиҳаҳои муҳими стратегии энергетикӣ миёни Тоҷикистон ва Эрон ба ҳисоб меравад. Ин неругоҳи барқӣ на танҳо барои таъмини энергияи кишвар аҳамияти калон дорад, балки инчунин, намунаи ҳамкории муваффақи ду давлат - Тоҷикистон ва Эрон мебошад. Вижагии ин лоиҳа дар он аст, ки он аҳамияти бузурги сиёсиву иқтисодӣ ва геополитикӣ дорад ва ба унвони рамзи дӯстӣ ва бародарии байни ду халқ, ки таърих ва фарҳанги ҷудонопазир доранд, эътироф гардидааст.

Тарҳрезии неругоҳи "Сангтӯда-2" дар аввалҳои солҳои 1980 оғоз ёфт. Ин неругоҳ дар водии Вахши вилояти Хатлон, 120 км дур аз Душанбе ҷойгир аст ва бо иқтидори 220 МВт рушди энергетикии кишварро замина гузошт. Лоиҳа бо кумаки молии Эрон ба андозаи 180 миллион доллар ва ҳиссаи Тоҷикистон 40 миллион доллар роҳандозӣ шуд. Лоиҳа дар соли 2006 оғоз ёфта, баъд аз чандин соли таъхир, дар моҳи сентябри соли 2011 агрегат ё мошинаи барқи аввалини он ба кор андохта шуд.

Дар пайи пешрафтҳои назаррас, 9-уми сентябри соли 2014, дар маросими расмии видеоконфронсии президентҳои ду кишвар Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳасан Рӯҳонӣ агрегат (мошинаи барқӣ)-и дуюми "Сангтӯда-2" ба кор шуруъ кард. Роҳбари Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ таъкид намуд, ки ин лоиҳа аҳамияти стратегӣ дорад, ба рушди иқтисоди кишвар кумак хоҳад кард ва ба манфиати мардуми Тоҷикистон аст. "Сангтӯда 2" ҳамчунин рамзи бародарии амиқ ва мустаҳками байни Тоҷикистон ва Эрон аст, ки нақши муҳим дар рушди энергетика дорад.

Гул Шералӣ, ки дар он замон вазири энергетика ва саноат буд, дар сохтмони "Сангтӯда-2" нақши калидӣ дошт. Ӯ барои ҳамоҳанг сохтани фаъолияти сохторҳои мутааллиқи ду кишвар ва таъмини дастгоҳҳои лозима аз кишвари сеюм хизматҳои барҷастаро анҷом додааст. Вай ҳамчун вазир масъулияти интихоби агрегатҳо, назорати сифати кор ва таъмини хидматрасониҳои инженериро аз аввал то анҷоми кор бар уҳда дошт ва ҳамеша дар ҳалли масъалаҳои техникӣ ва назорати иҷрои тарҳ кумак мекард, барои тезонидани иҷроиши тарҳ бо Эрон мусоидат менамуд.

## БАРДОШТ АЗ ХОТИРАҲО

**Шариф Ҳамдампур:** *Аз нигоҳи шумо, "Сангтӯда-2" дар рушди энергетикӣ ва иқтисодии Тоҷикистон чӣ нақше дорад?*

**Гул Шералӣ:** *Лоиҳаи "Сангтӯда-2" барои Тоҷикистон аҳамияти хеле калон дорад. Ин неругоҳи барқӣ дар якҷоягӣ бо "Сангтӯда-1" қисми асосии ҳамти таъмини энержии кишварро ташкил медиҳад. Мо бояд вобастагии мамлакатро аз манбаъҳои хориҷӣ коҳиш диҳем ва "Сангтӯда-2" имкон медиҳад, ки як бахши назарраси талаботи энергетикии ҷумҳурӣ таъмин карда шавад. Илова бар ин, истеҳсоли барқ дар дохили кишвар ба рушди дигар соҳаҳо, аз ҷумла саноат, кишоварзӣ ва истеҳсолот таъсири мусбат мерасонад.*

**Шариф Ҳамдампур:** *Дар раванди иҷрои лоиҳаи "Сангтӯда-2" шумо бо кадом мушкилот рӯ ба рӯ шудед?*

**Гул Шералӣ:** *Мушкилоти асосӣ на танҳо техникӣ, балки сиёсӣ ва иқтисодӣ низ буд. Дар солҳои 90-ум, ҳангоми таҳияи лоиҳа ва оғози сохтмон, мо бо вазъи ноороми сиёсӣ ва мушкилоти молиявӣ рӯ ба рӯ шудем. Илова бар ин, дар раванди сохтмон ва пурра ба кор даровардани агрегатҳо, бояд авзои глобалӣ ва минтақавиро низ ба эътибор мегирифтем, ки ин монеаҳои зиёдеро эҷод мекард. Бо вуҷуди ин, бо кумаки Эрон ва шариконии байналмилалӣ мо тавонистем ин мушкилотро пушти сар кунем.*

**Шариф Ҳамдампур:** *Лоиҳаи "Сангтӯда-2" барои кишварҳои ҳамсоя ва минтақа чӣ аҳамият дорад?*

**Гул Шералӣ:** *"Сангтӯда-2 як манбаи муҳими таъмини барқ дар минтақа хоҳад буд. Вақте неругоҳи барқӣ дар Тоҷикистон бо иқтидори 220 МВт мавриди истифода қарор мегирад, имконияти содироти барқ ба кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Афғонистон пайдо мешавад. Ин ба рушди тиҷорат ва ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат хоҳад кард.*

**Шариф Ҳамдампур:** *Нақши Эрон дар лоиҳа чӣ гуна аст?*

**Гул Шералӣ:** *Эрон нақши муҳим ва стратегӣ дар татбиқи лоиҳаи «Сангтӯда-2» дошт. Онҳо бо сармоягузории 180 миллион доллар сохтмони асосии неругоҳро ба зимма гирифтанд. Ин ҳамкории ду давлат санади муҳими сиёсию иқтисодӣ аст, ки на танҳо дӯстии байни ду халқро таҳким мебахшад, балки барои рушди муносибатҳои кишварҳои минтақа низ мусоидат мекунад.*

**Шариф Ҳамдампур:** *Агар мушкилоти энергетикӣ ҳал шавад, чӣ тасмимҳои иловагӣ гирифта метавонем?*

**Гул Шералӣ:** *Агар мушкилоти энергетикӣ пурра бартараф гардад, кишвар метавонад инфрасохтори энергетикӣ ва иқтисодиёти худро устуворона рушд диҳад ва дар содироти барқ мавқеи калидӣ пайдо кунад. Ин омил инчунин ба рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ва баланд гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат менамояд.*

## МАРДЕ ДАР ХИЁБОНИ РӮДАКӢ

Марде дар хиёбони Рӯдакӣ оҳиста қадам мезад. Аз тарзи ҳаракаташ маълум буд, ки зонуҳояш дигар қуввати пешина надоштанд. Ӯ ба манзараи дигаргуншудаи Душанбе менигарист - шаҳре, ки сол ба сол симои нав мегирад.

Абрҳои сабуки тирамоҳӣ дар осмони софи пойтахт шино доштанд. Офтоб нарму гарм нур мепошид. Насиме, ки аз ҷониби Варзобдара мевазид, мӯйҳои ӯро бо мулоимӣ сила мекард. Назараш ба гурӯҳи сайёҳон афтод, ки барги зарди дарахтонро аксбардорӣ мекарданд - баргҳое, ки дар зери нурҳои офтоб ҷилои зарҳалӣ доштанд.

Ӯ Гул Шералӣ буд. Ҳеҷ ҷойе барои шитоб надошт. Танҳо мехост манзараи зебои Душанбе, кӯчаҳои равшан ва боғҳои гулпӯшро тамошо кунад. Баргҳои зардшуда ва гулҳои хазон хаёлашро ба гузаштаи дур бурданд - ба он рӯзҳое, ки нахустин бор ба Душанбе омада буд.

Ба ёдаш омад, ки ҳар субҳ, ҳанӯз пеш аз тулӯи офтоб, нигоҳе ба чеҳраҳои кӯдакони хобидааш меафканд ва сипас роҳи корхонаро пеш мегирифт. Он вақт хиёбонҳо танг буданд, биноҳои кӯҳнаи се-чорошёна бо рангҳои парида дар ҳар канор қомат афрохта буданд. Аммо ҳоло...

Ҳоло Душанбе дигар буд. Биноҳои серошёна, кӯчаҳои васеъ ва шабонгаҳ чароғон симои шаҳрро комилан тағйир дода буданд. Ногоҳ нигоҳаш ба бинои муҳташаме афтид, ки санъати меъмории муосирро таҷассум мекард.

"Ҳамин чанд сол пеш,- андешид ӯ,- оё касе бовар мекард, ки Душанбе чунин манзараи бошукуҳ дошта бошад, ки ҳатто Манхеттон ё Дубайро ба ёд орад?".

Дар вуҷудаш эҳсоси ифтихори амиқ пайдо шуд. Ӯ медонист, ки ин ҳама натиҷаи талош ва иродаи сахти мардум ва шаҳрдорӣ дар шароити душвори иқтисодӣ аст. Душанбе дигар шаҳре буд, ки бо тамоми ҳастияш онро дӯст медошт.

Вай рӯи хараки гулгашт нишаст. Боди нарме барги зарди дарахтонро ба ҳаракат медаровард, чанде аз онҳо дар рӯи курсие, ки менишаст, алвонҷзанон фурӯ меомаданд. Ҳаво ором буд, гӯё шаҳр низ ба мисли ӯ дар андеша ғарқ шуда буд.

Шералӣ нигоҳашро аз роҳе, ки чанд лаҳза пеш он ҷо қадам мезад, бардошта, ба самти офтоб нигарист. Нури заифи офтоби тирамоҳӣ ба сари сафедгаштаи ӯ меафтод. Вай танҳо буд. Аммо танҳоӣ ӯро наметарсонд. Баръакс, ӯро ба дунёи хаёлот фурӯ мебурд.

Дар дил суолҳо пайдо мешуданд, суолҳое, ки ҷавобашонро танҳо замон медонист.

Чӣ тавр ин ҳама зуд гузашт? Кай кӯдаконаш бузург шуданд? Чаро ҳоло онҳо мисли худи ӯ дар ҷавониаш, саргарми кору зиндагӣ ҳастанд ва вақт надоранд, ки мисли солҳои кӯдакиашон дар атрофаш парвона гарданд?

Ӯ табассуме кард. Чунон ки замон ӯро шуғли зиндагӣ дода буд, фарзандонаш низ ҳамин роҳро тай мекарданд. Вай онҳоро бо меҳнат тарбия карда буд, ба онҳо омӯхта буд, ки ҳаёт саҳнаи омодагӣ ба оянда аст. Ва акнун ҳар яке роҳи худро дошт.

Ӯ ба назди тирезаи хотираҳо баргашт. Дар пеши назар хонаи хоксоронаи он солҳо зуҳур кард - утоқи танг, ки дар гӯшаи гаҳвораи кӯдакаш меистод. Ҳар саҳар пеш аз ба кор рафтан, аз хоб бедор ки мешуд, кӯдаконашро бодиққат нигоҳ мекард, гӯё мехост ин симоҳоро дар ёдаш абадан сабт кунад. Пас, бо як ҷаҳон орзу дар дил, роҳ сӯи корхона мегирифт.

Шералӣ сар ҷунбонд ва табассуме кард. Вай наметавонист вақтро боздорад. Лекин метавонист ба фарзандонаш, ба онҳое, ки ҳоло бо шитоб қадам мезаданд, бигӯяд:

- Шитобон нагузаред. Лаҳзаҳоро эҳсос кунед. Чизе, ки дирӯз буд, дигар намеояд.

Вай аз ҷояш хест. Ин дам, ки ман ҳаракатҳояшро аз дур назорат мекардам, ба вай наздик шудам.

- Салом, ҷаноби вазир.

Ӯ бо табассуми ороме сари худро боло кард.

- Салом. Ман вазир нестам. Шумо кистед?

- Ҳамдампур. Вазир ҳам набошед, барои мо вазир ҳастед.

Ӯ маро шинохт ва сар ҷунбонд.

- Раҳмат. Куҷо шудӣ, камнамоӣ?

- Ҳаминҷо. Мегӯянд, фардо бароятон рӯзи саид аст.

- То фардо Худо подшоҳ. Ҳамин дам ғанимат.

Ба чеҳраш менигарам. Ҳамоно пурнур, нигоҳаш пурвиқор, лабонаш сухансанҷ.

- Чанд сол вазири энергетика ва саноат будед?

- Аз моҳи декабри соли 2006 то ноябри соли 2013.

- Аз кори кардаатон қаноатманд ҳастед?

Ӯ лаҳзае сукут кард, сипас бо оҳанги мулоим гуфт:

- Дар ҳамон шароит, ҳамон шабу рӯз қаноатманд будам. Ҳоло мебуд, не. Зеро вазъият, талабот дигар аст. Ҳавоя дида, ғӯза кашидан лозим.

- Ҳоло ки шумо ба гузашта назар мекунед, оё аз чизе пушаймонед?

- Пушаймонӣ маъно надорад. Зиндагӣ мисли рӯд аст - ҷорист ва ақиб гаштанро намедонад. Бале, шояд метавонистам вақти бештарро бо оилаам гузаронам, шояд метавонистам чизҳои бештар омӯзам. Вале ман меҳнат кардам, фарзандонро ба воя расондам, ба ҷомеа хидмат кардам.

Имрӯз, вақте ки ба шаҳр, ба одамоне, ки дар ин кӯчаҳо қадам мезананд, менигарам, медонам, ки ман низ як қатраи хурд дар ин баҳри бузург ҳастам.

- Шумо ба фарзандон ва ҷавонон чӣ маслиҳат медиҳед?

- Ба инсонҳо бо эҳтиром муносибат кунед. Ҳар касе, ки имрӯз дар атрофи шумост, шояд фардо набошад.

## Хайрулло Ҳайдаров:

# МО ИДЕОЛОГИЯИ ҚАВӢ НАДОРЕМ!

**“Хизмат дар Артиш мояи ифтихор ва шарафи бузург аст”,- мегӯяд Хайрулло Ҳайдаров, полковник ва собиқ узви Комиссияи оштии миллӣ, ки дар ташаккули Артиши Миллии Тоҷикистон саҳми муҳим гузоштааст. Ӯ, ки бо хизмати содиқонаи хеш аз аскарӣ то афсарӣ расидааст, мегӯяд: "Хизмат дар Артиш - гузаштан аз мактаби мардонагӣ аст".**





**- Чӣ сабаб шуд, ки шумо соҳаи ҳарбиро интихоб кардед?**

- Ман соли 1966 баъди хатми мактаби миёна ба Институти хоҷагии қишлоқ (ҳоло Донишгоҳи аграрӣ) дохил шудам. Як рӯзи соли 1967, дар яке аз мағозаҳои либос бо як лейтенанти калон вохӯрдам. Либоси ҳарбии ӯ ба ман хеле маъқул шуд ва орзу мекардам, ки ман ҳам чунин либоси зебо ба бар кунам. Дар донишкада дар кафедраи ҳарбӣ таҳсил мекардем. Таҳсил дар кафедраи ҳарбӣ он солҳо бисёр ҷиддӣ ва назорат сахт буд. Вақте дар курси дуюм мехондам, кафедраи ҳарбии мо зимни як санҷиш байни кафедраҳои ҳарбии мактабҳои олии Иттиҳоди Шӯравӣ мақоми аввалро соҳиб шуд.

Соли 1971, баъди хатми донишкада, мо 25 нафар ҳамсабақонро барои машқҳои низомӣ ва гирифтани рутбаи афсарӣ ба Лоҳур равон карданд. Дар он ҷо ду моҳ тамрин кардем. Пас аз ин, ба банда гуфтанд, ки рӯзи 6-уми июн дар назди қисми ҳарбии ноҳияи Октябр ҳозир шав. Он рӯз маро шаҳри Читаи Русия, ба наздикии сарҳади Монголия фиристоданд. Ҳамин тавр, сарнавишти ман ба соҳаи ҳарбӣ пайванд шуд ва он то имрӯз идома дорад.

**- Аввалин медали худро кай ва барои чӣ гирифтед?**

- Аввалин медаламро соли 1972, моҳи апрел гирифтам. Як рӯзи моҳи март ба ман амр шуд, ки ротаро ба машқҳои тактикӣ ба саҳро барам. Ман вазифаамро иҷро кардам. Бехабар будам, ки командири дивизия кори маро назорат мекунад. Баъд аз итмоми машқҳо ва дарсҳо ба ман ташаккур гуфта, барои хизмати софдилона медали ба номи Ленинро тақдим карданд.

Соли 1975 маро даъват карда пурсиданд, ки дар куҷо мехоҳӣ кор кунӣ? Гуфтам, ки ҳар куҷо ки равон кунед. Ҳамин тавр маро ба вилояти Кӯлоб равон карданд. Корро аз командири взвод оғоз карда, баъд сардори шуъбаи молияи полк, баъдан дивизия кор кардам. Як муддат ҳамин вазифаро дар шаҳри Мирнийи вилояти Читаи Русия адо кардам. Баъдан корро ба ҳайси сардори шуъбаи молия ва буҷаи Комиссариати вилояти Кӯлоб, ҷонишини комиссари ҳарбии ноҳияи Рӯшон, ёрдамчӣ, сардори шуъба ва Комиссари ҳарбии ноҳияи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) идома додам. Дар замони Истиқлол ба ҳайси сардори раёсати Вазорати мудофиаи Тоҷикистон, ректори Донишкадаи ҳарбии ВМ ҶТ ва Вобастаи низомии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Исломии Эрон хизматамро идома додам. Муддате дар Вазорати адлияи кишвар кор карда, бознишаста шудам.

**- Шумо солҳои тӯлонӣ сардори комиссариати ҳарбӣ, яъне военком будед. Оё он замон ҳам “облава” буд?**

- Не албатта. Ин калимаро касе намедонист. Дар ноҳияи Рӯдакӣ, дар як вақт аз 3 то 3,5 ҳазор даъватшавандаро ба хизмат сафарбар мекардем. Он солҳо тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар сатҳи хуб ба роҳ монда шуда буд. Ҷавон 18-сола ки шуд, ба дари военкомат меомад. Ё вақте дар ноҳияи Рӯшон кор мекардам, ҷавонон аз ҷамоатҳои Совноб, Басид, Бартанг, деҳаҳои Хиҷез ва Хуф 100 км роҳро то маркази ноҳия пиёда тай карда, бе даъватнома меомаданд. Агар ба хизмати аскарӣ нафиристӣ, то Суди Олӣ шикоят мебурданд.

Ман на танҳо дар ноҳияи Рӯдакӣ, балки дар комиссариатҳои ҳарбии вилоятҳои Кӯлобу Бадахшон низ кор кардам, бинобар ин, дар ин соҳа мутахассис ҳастам. Дар замони Шӯравӣ ҷавононро идеологияи боқувват ба Артиш ва дифои Ватан ҷалб мекард. Ҷавонҳои онвақта мард буданд ва аз мактаби мардонагӣ мегузаштанд. Ҳоло идеологияи қавӣ нест, тарбияи ватандӯстии ҷавонон дар сатҳи лозима нест.

**- Шумо шоҳиди таъсиси Артиши Миллии Тоҷикистон ҳастед. Лутфан бигӯед, ки кишвари мо дар чӣ шароите соҳиби артиш шуд?**

- Дар солҳои 90-ум, замоне ки якпорчагии Тоҷикистон зери хатар қарор дошт, таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ вазифаи хеле мушкил ба ҳисоб мерафт. Дар он айёми ҳассосу тақдирсоз ҳеҷ заминае барои ташкили сохторҳои низомӣ вуҷуд надошт. 10-уми ноябри соли 1993 мо - сардорони Фронти халқиро, ки беш аз 10 нафар будем, ба Ситоди Дивизияи 201-ум даъват карданд. Бо иштироки Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, ки он вақт раиси Шӯрои Олӣ буданд, муовини аввали раиси Совети Вазирон Маҳмадсаид Убайдуллоев ва як гурӯҳ афсарон ҷаласа баргузор шуд. Сарвари давлат маҷлисро ифтитоҳ намуда, аҳамияти таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳро барои Тоҷикистон шарҳ доданд ва эълон карданд, ки Тоҷикистон Артиши Миллии худро барпо мекунад. Албатта буданд нафароне, ки дар чунин шароит ба таъсис ёфтани Артиш бовар надоштанд. Вале азми Пешвои миллат қатъӣ буд. Дар анҷоми ҷаласа Пешвои миллат вазири мудофиа ва муовинонашро аз миёни афсарон пешниҳод намуданд. Ин иқдоми Сарвари давлат моро рӯҳбаланд кард ва масъулияти бузургеро бар дӯшамон гузошт. Мо бо эҳсоси баланди ватандорӣ ба иҷрои вазифаҳои дарпешистода омода шудем.

Бо вуҷуди вазъи ногувори кишвар, мо ифтихор доштем, ки аз аввалин хизматчиёни Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон ҳастем. Рӯзи 11-уми январи соли 1993 маркази ноҳияи Обигарм ва рӯзи 12-ум шаҳраки Роғунро, ки имрӯз яке аз минтақаҳои стратегии кишвар ба шумор мeравад, аз гурӯҳҳои мусаллаҳ озод кардем. Ҳангоми ворид шудан ба ин маҳалхо, шоҳиди ғоратгариҳо ва ноадолатиҳое шудем, ки ин афрод анҷом дода буданд. Хусусан, дар шаҳраки Роғун, ки аксаран русзабонҳо зиндагӣ мекарданд, вазъият хеле ташвишовар буд. Онҳо аз зулми силоҳдорон ба танг омада, моро бо шодмонӣ истиқбол гирифтанд.

Ҳамон бегоҳ ман ба ноҳияи Рӯдакӣ рафта, бо ёрии раиси ноҳия А. Ф. Шарипов то саҳар дар корхонаи нонпазӣ тақрибан 4 тонна нон тайёр кардем ва рӯзи дигар онро ба Роғун бурда, миёни мардум тақсим намудем. Баъди 10 моҳи муборизаҳо, мардум итминон ҳосил карданд, ки ҳукумати қонунии конститутсионӣ барқарор шудааст.

Ниҳоят, 23-юми феврали соли 1993 Артиши Миллии Тоҷикистон расман таъсис ёфт. Ин рӯз барои ман ва ҳамсафонам як лаҳзаи хотирмон аст, зеро дар ҳамин рӯз, 23-юми феврали соли 1918, бо қарори Шӯрои Комиссарони Халқӣ Артиши Сурх таъсис ёфта буд, ки баъдан соли 1946 Артиши Шӯравӣ ном гирифт. Ман ифтихор мекунам, ки 21 сол дар ҳайати он хизмат намудам.

**- Шумо ҳамеша дар вазифаҳои масъули ҳарбиву давлатӣ фаъолият доштед. Пас, чӣ тавр барои оила вақт ҷудо мекардед?**

- Оилаи шахси низомӣ ҳам ҳамеша дар хизмати ҳарбӣ аст гӯем, хато намешавад. Оилаи ман ҳамеша бо ман буд ва ҳамроҳам ними дунёро гаштааст. Дар куҷое, ки хизмат мекардам, ӯро ҳамроҳам мебурдам. Дар замони Шӯравӣ зиндагӣ осонтар буд. Маоши афсари низомӣ ба зиндагиаш мерасид. Бовар мекунед, дар 45 рубли ҳамонвақта ҳамроҳи оилаам рафта дар истироҳатгоҳҳои беҳтарини Шӯравӣ истироҳат мекардем. Дар солҳои вазнини 90-ум рӯзгори мо комилан тағйир ёфт. Вале сабр кардем ва барои ояндаи ободи Ватан талош намудем. Имрӯз ба рӯзҳои нек расидем ва шукр, ба қавле, давлати пирӣ меронем.

**- Фарзандонатон роҳи шуморо идома медиҳанд?**

- Фарзандони ман ҳам дар шаҳрҳои гуногун ба воя расиданд. Ҳар ду соҳиби маълумоти олии тиббӣ. Духтарам дар Олмон таҳсилашро идома медиҳад. Бо як тоҷики муқими Олмон оила барпо кардааст. Писарам бошад, духтури низомӣ аст ва рутбаи капитан дорад. Соҳиби оила аст ва шукр, наберахо низ дорам. Ман аз зиндагии хеш розиам ва шукр мекунам, ки фарзандонамро бо нони ҳалол ба воя расонидам. Дар умрам аз касе як тин нагирифтаам ва ин корро барои одами ҳарбӣ ҳаром медонам. Шахси ҳарбӣ бояд ҳалол зиндагӣ кунад, рӯзгораш барои ҷомеа намуна бошад. Ман дар вазифаҳои гуногун кор кардам ва имконияти зиёде доштам, ки сарват ғун кунам. Вале ҳамеша фикр мекардам, ки ризқи сарбозро зада гирифтан дуруст нест ва ош намешавад. Бинобар ин, дастамро тарафи луқмаи ҳаром набурдаам. Имрӯз шукр, бо хотири ҷамъ давлати пирӣ меронам. Аз чизе танқисӣ надорам.

**- Мо дар арафаи таҷлили 32-солагии таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳ қарор дорем. Шумо ҳамчун шахсе, ки солҳои зиёди ҳаёташро дар ин соҳа сипарӣ кардааст, чӣ гуфтанӣ ба ҷавонон доред?**

- Фахр мекунам, ки одами ҳарбӣ ҳастам. Дар барқарорсозии ҳукумати конститутсионӣ ва таҳкими Ваҳдати миллӣ фаъолона иштирок карда, каме ҳам бошад, саҳми худамро гузоштам. Хизмат ба Ватан барои ман на танҳо вазифа, балки рисолати муқаддас буд. Худо худаш шоҳид аст, ки дар зеҳнам ҷуз хизмати содиқона ба Ватан фикри дигаре надоштам ва надорам. Агар ҳоло ҳам зарур бошад, барои Ватан сина сипар мекунам. Агар як зарра хизмати ман ба Ватанам зарур бошад, омода ҳастам. Ба ҷавонон гуфтанӣ ҳастам, ки барои ҳимояи Ватан масъулият эҳсос кунед. Бо сари баланд ва синаи пур аз ифтихор ба хизмати Модар - Ватан равед. Айб аст, ки мард аз ҳимояи Ватан гурезад ё даст кашад.

**Мусоҳиб:**
**Суман УБАЙДУЛЛОЗОДА**

## ҲУШЁР БОШЕД!

# БА ДОМИ ҚАЛЛОБОН НААФТЕД!

**Оё ба шумо афроди ношинос оид ба масъалаҳои молиявӣ ва бонкӣ занг мезананд, ё ба телефони шумо аз мессенҷерҳо паёмакҳои шубҳанок меоянд? Пас, ҳушёриро аз даст надиҳед!**




Ба таваҷҷуҳи шаҳрвандон расонида мешавад, ки вақтҳои охир содир гардидани амалҳои қаллобӣ бо роҳи ташвиқ ва рекламаҳои бардурӯғ дар фазои маҷозӣ (интернет) бо мақсади гирифтани даромади муфт зиёд мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, қаллобони интернетӣ дар шабакаҳои иҷтимоии “Телеграмм” ва “Ватсап” хеле фаъол мебошанд.

Қаллобон ба шумо занг зада, метавонанд худро корманди ташкилоти тиҷоратӣ муаррифӣ намоянд, дар гирифтани қарз ё дарёфти даромади осон ваъдаи кумак диҳанд, бо баҳонаи ба итмом расидани мӯҳлати корт ё гӯё вуҷуд доштани кӯшиши тасарруфи пул аз корти бонкиатон рақами корт, калимаи калидӣ, CVV-рамзро пурсанд, ё ин ки тавассути мессенҷер ба шумо файли шубҳанок ирсол намоянд...

Агар аз шумо маълумоти бонкиро талаб кунанд ё тасдиқи гузаронидани амалиётро пурсон шаванд, шитоб накунед. Маълумотҳои бонкии худро махфӣ нигоҳ доред!

Фаромӯш накунед, ки бонк ё ташкилоти қарзии молиявӣ маблағҳоро тавассути “Фейсбук”, “Телеграмм”, “Инстаграм” ё дигар шабакаҳои маҷозӣ пешниҳод намекунад.

Ҳамзамон иттилоъ медиҳем, ки Бонки миллии Тоҷикистон ба шахсони воқеӣ шаҳодатнома ё иҷозатнома (литсензия) барои гузаронидани амалиётҳоро намедиҳад.

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон аз шаҳрвандони ҷумҳурӣ эҳтиромона хоҳиш менамояд, ки барои фиребтаи қаллобон нагардидан ба таблиғҳои бардурӯғ (фейкӣ) бовар накунанд, эҳтиёткор бошанд ва аз гузаронидани маблағ ба кортҳое, ки аз ҷониби чунин ашхос пешниҳод мегардад, худдорӣ намоянд.

Ба ваъдаҳои дурӯғ дода нашуда, худ ва наздиконатонро аз қаллобон эҳтиёт намоед!

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

## Аз нишастҳои матбуотӣ




**Мақомоти корҳои дохилӣ соли 2024-ум 14 гурӯҳи муташаккили ҷиноятиро дар ҳайати 90 нафар барои содир намудани 67 ҷиноят ошкор кард.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ вазири корҳои дохилии Тоҷикистон Рамазон Раҳимзода ба хабарнигорон иттилоъ дода, афзуд:

«Мубориза бар зидди гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ, терроризм ва экстремистӣ, гардиши маводи ғайриқонунии воситаҳои нашъадор, силоҳ, ҷиноятҳои дорои хусусияти коррупсионӣ ва таъмини тартибот яке аз самтҳои афзалиятноки мақомоти Вазорати корҳои дохилӣ ба шумор меравад».



**Прокурори генералии Тоҷикистон генерал-лейтенант Ҳабибулло Воҳидзода зимни нишасти матбуотӣ гуфт, ки сатҳи ҷиноят дар сохторҳои ҳарбии кишвар коҳиш ёфтааст.**

Воҳидзода гуфт, ки масъалаи озору шиканҷаи сарбозон, латукӯби сарбозон, фирори онҳо, даст ба худкушӣ задан ва умуман вазъи ҷинояткорӣ дар сохторҳои ҳарбӣ ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи ҷомеа аст. Ӯ гуфт, ки вазъи ҷинояткорӣ дар сохторҳои ҳарбӣ дар соли 2024 ба таври қобили мулоҳиза коҳиш ёфт.

“Аз ҷумла латукӯби сарбозон 1,9%, фирори онҳо 34%, фавт 40%, худкушӣ 25% коҳиш ёфтааст. Ин нишондод мусбат аст”,- гуфт Воҳидзода.



**Соли 2024 аз ҷониби судҳои кишвар дар маҷмӯъ 169614 парвандаи маданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ, маъмурӣ, дархостҳои мақомоти тафтиши пешакӣ, пешниҳоди муассисаҳои ислоҳӣ ва Хадамоти иҷро баррасӣ шудаанд.**

Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ Рустам Мирзозода, раиси Суди Олии Тоҷикистон хабар дод. Ӯ гуфт, ки ин рақам нисбат ба ҳамин давраи соли 2023-юм 31 ҳазору 664 адад зиёд мебошад.

## Ҳушдор:

# ФАРЗАНДРО АЗ ВОЛИДАЙН МЕГИРАНД, АГАР...

**Раёсати ВКД дар шаҳри Душанбе эълон кард, ки назоратро болои волидайне, ки масъулияти худро дар тарбия кардани фарзандашон иҷро намекунанд, сахттар мекунад ва дар сурати аз уҳдаи тарбияи кӯдакон набаромадани падару модар, онҳоро аз дасташон мегирад ва ба муассисаҳои махсуси таълимӣ месупорад.**




Дар ин хусус милитсияи пойтахт иттилоъ додааст.

Ба иттилои манбаъ, ин тасмим “дар асоси тартиби муқарраршудаи қонунгузорӣ” амалӣ карда мешавад.

Раёсати ВКД як ҳолати мазкурро расонаӣ кард, ки як ноболиғи 15-сола дар асоси ҳалномаи Додгоҳи ноҳияи Сино аз модараш гирифта шуда, ба муассисаи махсуси таълимӣ “Лисейи махсуси касбӣ - техникӣ”-и шаҳри Душанбе супорида шудааст.

Ба иттилои манбаъ Ҳакимов У., сокини 15-солаи шаҳри Душанбе силсилаҷиноятҳои дуздиро содир карда, шабона ба оворагардӣ ва дар роҳҳои мошингард ба талбандагӣ машғул мешудааст.

Мақомот санҷиш гузаронида муайян кардааст, ки Манзура Суфиева, модари ноболиғ дар таълиму тарбияи фарзандаш “бемасъулиятии ҷиддӣ зоҳир намуда, ӯро ба оворагардию талбандагӣ маҷбур сохтааст”.

“Бо назардошти ҳолатҳои мазкур, нисбати модари ноболиғ Манзура Суфиева моддаи 73-и Кодекси оилаи Тоҷикистон, ки гирифтани кӯдакро бе маҳрум кардани волидон аз ҳуқуқи падару модарӣ иҷозат медиҳад, татбиқ карда шуд”,- навиштааст Раёсати ВКД.

# МАРДИ 53-СОЛА ЧАРО ДУХТАРЧАРО КОРД ЗАД?

**Дар шабакаҳои иҷтимоӣ навори захмӣ кардани як духтарчаи хурдсол дар бозори марказии шаҳри Панҷакент, ки чанде боз чарх мезад, аз ҷониби мақомот тавзеҳ дода шуд.**

Акбар Шарифӣ, сухангӯи Раёсати ВКД дар вилояти Суғд зимни суҳбати телефонӣ бо Pressa.tj ҳодисаро шарҳ дода, афзуд, ки ҳоло гумонбар дастгир шудааст.

Шахси номаълум 16-уми феврал дар ҳудуди бозори марказии шаҳри Панҷакент гаштугузор намуда, бе ягон сабаб духтарчаи ноболиғро, ки бо ҳамроҳии модараш дар бозори мазкур сайругашт дошт, бо корди дар дасташ буда як маротиба ба шикамаш зада, аз ҷойи ҳодиса ғайб мезанад.

18-уми феврал аз тарафи кормандони ШВКД ҶТ дар шаҳри Панҷакент ҷинояткор - сокини 53-солаи ҷамоати деҳоти Шинг боздошт шудааст. Ҷабрдида бошад, духтарчаи 8-солаи сокини ҳамин шаҳр буда, баъди гирифтани табобати зарурӣ ба хона рухсат шудааст. Тафтиши қазия идома дорад.

# ВАЗНИ ИДЕАЛӢ ЧАНД АСТ?

**Солҳои охир бемории фарбеҳӣ ё мушкили вазни зиёдатӣ ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Онҳое, ки вазни зиёд доранд ё ба бемории фарбеҳӣ гирифторанд, ба ҳар роҳу васила мехоҳанд лоғар шаванд.**

Хабарнигори мо аз сокинони кишвар суол кард, ки оё вазни идеалии худро медонанд? Инсон бояд чӣ қадар вазн дошта бошад, ки аз пайи лоғаршавӣ биафтад?

**Вазни муносиб барои бонувон бо кг**

| Дарозии қад (см) | Ҷуссаи хурд (кг) | Ҷуссаи миёна (кг) | Ҷуссаи калон (кг) |
|---|---|---|---|
| 147 | 46-50 | 49-55 | 54-59 |
| 150 | 47-51 | 50-56 | 54-61 |
| 153 | 47-52 | 51-57 | 55-62 |
| 155 | 48-53 | 52-59 | 57-64 |
| 157 | 49-55 | 53-60 | 58-65 |
| 160 | 50-56 | 55-61 | 59-67 |
| 163 | 52-58 | 56-63 | 61-68 |
| 165 | 53-59 | 58-64 | 62-70 |
| 168 | 54-60 | 59-65 | 64-72 |
| 170 | 56-62 | 60-67 | 65-74 |
| 173 | 57-63 | 62-68 | 66-76 |
| 175 | 59-64 | 63-69 | 68-77 |
| 178 | 60-66 | 64-71 | 69-78 |
| 180 | 61-67 | 66-72 | 70-80 |
| 183 | 63-68 | 67-73 | 72-81 |



**Вазни муносиб барои мардон бо кг**

| Дарозии қад (см) | Ҷуссаи хурд (кг) | Ҷуссаи миёна (кг) | Ҷуссаи калон (кг) |
|---|---|---|---|
| 157 | 58-61 | 59-64 | 63-68 |
| 160 | 59-62 | 60-65 | 64-70 |
| 163 | 60-63 | 61-66 | 64-71 |
| 165 | 61-64 | 62-67 | 65-73 |
| 168 | 62-65 | 63-68 | 66-74 |
| 170 | 63-66 | 64-70 | 68-76 |
| 173 | 64-67 | 66-71 | 69-78 |
| 176 | 64-68 | 67-73 | 70-80 |
| 178 | 65-70 | 68-74 | 72-82 |
| 180 | 66-71 | 70-75 | 73-83 |
| 183 | 68-73 | 71-77 | 74-85 |
| 185 | 69-74 | 73-79 | 76-87 |
| 188 | 70-76 | 74-81 | 78-89 |
| 190 | 72-78 | 76-83 | 80-92 |
| 193 | 73-80 | 78-85 | 82-94 |

Мутахассисон ду роҳи вазни идеалиро пешниҳод мекунанд. Якум, ду рақами охири қади шумо бояд вазни идеалиатон бошад. Яъне агар шумо 174 см қад дошта бошед, вазни идеалии шумо 74 кг аст. -3-4 кг ва +3-4 кг низ ба саломатии шумо осеби ҷиддӣ намерасонад. Аммо агар вазни шумо аз ин беш ё кам бошад, бояд ба духтур муроҷиат кунед.

Пешниҳоди дуюми мутахассисон ҷадвалест, ки вазни идеалии шуморо пешниҳод мекунад. Ин ҷадвал дар се категория вазни идеалиро дар таносуб ба қаду қомати шумо пешниҳод менамояд, ки мо онро манзури шумо мекунем.

## Толеънома



**Ҳамал**
**21.03 - 20.04**

Давоми ҳафта ҳодисаи тақдирсозро интизор набошед. Ба ягон мунокиша ва корҳои дуюмдараҷа дахолат накунед. Ба ҳар коре, ки даст мезанед, дастгириву кумаки атрофиёнро эҳсос мекунед, касе пеши роҳатон монеа эҷод намекунад.



**Савр**
**21.04 - 21.05**

Ҳафта барои амалӣ сохтани нақшаву ниятҳо мусоидат мекунад. Дар касбу кор низ коратон бобарор ҷараён гирифта, маблағи хуб ба даст оварда метавонед. Нафароне, ки нуқтаи назари шуморо қабул надоранд, иштибоҳ мекунанд.



**Ҷавзо**
**22.05 - 21.06**

Яку якбора аз пайи чанд кор шуданро тавсия намедиҳем. Дар акси ҳол тамоми корҳоятон нимкора монда, сарҳисоби корро гум карда, асабонӣ мешавед. Муваффақ шудан хоҳед, ба маслиҳати нафарони ботаҷриба гӯш андозед.



**Саратон**
**22.06 - 23.07**

Ҳафта барои харид, таъмир ва ҳатто иваз намудани ҷои зист мусоид аст. Аз рӯзи чоршанбе сар карда, бо шахси дӯстдоштаи худ мунокиша карданатон имкон дорад, аз ин рӯ, ба баҳсу мунозира роҳ надода, роҳҳои муслиҳаро ҷустуҷӯ кунед.



**Асад**
**23.07 - 22.08**

Давоми ҳафта шуморо лозим меояд, ки бо рафъ намудани мушкилоти молиявӣ ва камбудиҳои рӯзгор машғул шавед. Дар ҳаёти шахсӣ тағйироти зиёд рух медиҳад. Вақте расидааст, ки ошиқон изҳори муҳаббат намоянд.



**Сунбула**
**23.08 - 22.09**

Давоми ҳафта кунҷи хонаро нагиред, бештар дар робита бошед, эҳтимол бо ҳамин роҳ рафти корҳои худро беҳтар месозед. Баъзеҳо соҳиби вазифаи баландтар мешаванд. Нафарони муҷаррад муҳаббати худро пайдо карда метавонанд.



**Мизон**
**25.09 - 22.10**

Ҳафта барои омӯзиши забонҳо ва аз худ намудани касбу кори гуногун мусоидат мекунад. Нафароне, ки мушкилоти бонкӣ доштанд, билохира аз ташвишҳои худ озод мешаванд. Нимаи дуюми ҳафта барои хариди калон, хусусан техника бобарор аст.



**Ақраб**
**23.10 - 22.11**

Дар давоми ҳафта ба ҳар коре, ки даст мезанед, оқибаташро нағзакак андеша намоед, вагарна обрӯи худро аз даст медиҳед. Нафарони оиладор бо сабаби аз ҳад зиёд сарф кардани пул мунокиша мекунанд. Ҳангоми баҳсу мунозира бо ҳамсояҳо иштибоҳ накунед.



**Қавс**
**25.11 - 21.12**

Нафароне, ки чанд муддат дар фикри харидорӣ намудани манзили истиқоматӣ буданд, дар ин ҳафта ба орзуи худ мерасанд. Дар ин рӯзҳо вазъи молиявии шумо бояд рӯ ба беҳбудӣ орад. Рӯзҳои истироҳат барои харид кардан созгор аст.



**Ҷаддӣ**
**22.12 - 20.11**

Аввали ҳафта аз ҳолатҳои изтиробовар худро канор гиред. Ҳар қадаре ташвишу изтиробатон кам бошад, ҳамон андоза худро беҳтар ҳис мекунед. Дар ҷодаи муҳаббат рӯйдодҳои гуворо интизор бошед. Барои харидорӣ намудани ҷавоҳирот ва атриёт ҳафтаи бобарор аст.



**Далв**
**21.01 - 19.02**

Ҳафта аз ҷиҳати молиявӣ бобарор меояд, даромади хуби пулӣ ба даст меоред ё нафаре қарзашро бармегардонад. Мутаассифона, дар ҳаёти шахсиятон мунокишаву нофаҳмӣ сар мезанад. Нисбати саломатӣ бодиққат бошед, эҳтимоли хуруҷ намудани бемориҳо дар назар аст.



**Ҳут**
**20.02 - 20.03**

Ҳафта бароятон лаҳзаҳои хушу гуворо меорад. Нимаи аввали ҳафта мушкилоти молиявии худро бартараф месозед. Нимаи дуюми ҳафта барои таъмири хурд созгор аст. Ягон кори иловагиеро, ки боиси то нимашаб заҳмат кашиданатон мегардад, ба дӯш нагиред.




# НАШРИ “ДАСТУРИ ШАТРАНҶБОЗӢ”

**Китоби рӯзноманигор, донишноманавис ва пажӯҳишгари маъруф Обиди Шакурзода “Дастури шатранҷбозӣ” аз ҷониби Сарредаксияи Энсиклопедияи миллии Тоҷикистон бо теъдоди 1000 нусха чоп шуд. Доктори илмҳои таърих, профессор Сайфуллоҳи Муллоҷон масъулияти муҳаррири масъули китобро ба уҳда доштааст.**

Муаллиф дар сарсухани китоб оварда: “Дар замоне, ки аз як сӯ - таҳрифи таърих ва моли худ муаррифӣ кардани мероси ҳунарию фарҳангии тоҷикон аз тарафи душманони мо ва аз сӯи дигар - ба номи ақвоми дигар сабт кардани миллияти шахсиятҳои илмию адабии мо авҷ гирифта, нашри ин китоби арзишманд муҳим ва саривақтист. Чӣ басо, ки таваҷҷуҳи давлату мақомоти кишвар ҳам ба бозии ниёкони мо - шатранҷ дар Тоҷикистон зиёд мешавад”.

Рисолаи «Дастури шатранҷбозӣ» ҳамчун алифбои шатранҷомӯзӣ барои навҷавонон ва муштоқони бозии шатранҷ дар кишвари азизамон ва умуман тоҷикони Варорӯд таҳия гардидааст. Дар ин китоб саъй шудааст, ки навомӯзон зина ба зина ба донистаниҳои ин ҳунар ошно ва саранҷом вориди шоҳроҳи он гарданд.

Ҳамчунин, дар ин китоб дар бораи таърихи шатранҷбозӣ маълумоти фаровон оварда шуда, исбот шудааст, ки зодгоҳи шатранҷ Эрон аст, на Ҳинд!

Муаллиф менависад, ки “бар бинои бозёфти Ҷомӣ Ҳасанлу, гаҳвораи шатранҷ сарзамини мост. Макс Эйве, қаҳрамони собиқи шатранҷи ҷаҳон Эронзаминро мудом гаҳвораи шатранҷ меномид. Ҳамчунин устоди бузурги рус Иля Майзелис низ ватани ин бозии куҳанро Эрони Бостон, аз ҷумла иқлими Мовароуннаҳр мешуморад. Донишманди эронӣ - Маҷиди Яктоӣ, зимни як пажӯҳиши муфассал, ки дар маҷаллаи «Баррасиҳои таърихӣ» нашр шудааст, аз чанд ҷиҳат собит кардааст, ки махз гузаштагони мо кошифи шатранҷанд. Гувоҳи гуфтаҳои ӯ, ки шатранҷ аз тафаккури аҷдоди мо падид омада, вожаҳои он аст, ки тақрибан ҳама форсию тоҷикиянд”.

# ЗАБОНИ ФОРСӢ

## ва фатвои ҷасоратомези Имом Абуҳанифа

**(Аввалаш дар саҳ. 6)**

То вақте ки давлати Сомониён бунёд нагашта буд, забони арабӣ ба забони навишту хонду гуфтугӯ ва тафҳиму тафоҳуми миёни миллатҳои гуногуне, ки мусалмон шуда буданд, табдил шуда буд. То он дам китобҳои паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума мешуд. Замоне ки Сомониён қудрат ёфтанд, тавонистанд дар канори забони арабӣ забони дигареро рушд диҳанд, ки шабоҳатҳое бо забони паҳлавии пеш аз ислом дошт ва дар айни ҳол ба шиддат мутаассир аз забони арабӣ буд. Дар ин давра барои тақвияти забони дарӣ ё форсии дарӣ, ки кӯдаке хурдсол буд, талошҳои фарҳангии арзишманд шакл гирифт ва китобҳои арабӣ ба форсии дарӣ тарҷума шуд. Дар шаклдиҳии ин фаъолиятҳои фарҳангии арзишманд Сомониён нақши босазое доштанд. Инчунин дар ҳамин давра буд, ки «Калила ва Димна» аз арабӣ ба форсӣ баргардонида шуд ва «Тафсир» ва «Таърих»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ низ ба форсӣ баргардон шуд.

Албатта ин нуктаро бояд ёдовар шавем, ки аҳаммият қоил шудани Сомониён ба забони форсӣ ба маънии душмании онон бо забони арабӣ набояд таъбир шавад. Бо он ки хонадони Сомонӣ форсидӯст буданд, забони арабиро дар пешбурди масоили идорӣ ва девонӣ ба кор мегирифтанд.

Аз нахустин китобҳое, ки ба форсии дарӣ нигошта шуд, китобҳои динӣ ва фиқҳӣ буд, чаро ки ҳам Оли Сомон ва ҳам мардуме, ки дар қаламрави ҳокимияти Сомониён зиндагӣ мекарданд, чандон бо арабӣ ошноӣ надоштанд ва мехостанд ниёзҳои динии худро бо хондани матнҳои форсии дарӣ бароварда кунанд. Ва рӯшан аст, ки мардуми авом ба ҷанбаи фиқҳии дин бештар сарукор доранд, то ба ҷанбаҳои дигар.

Ин нукта ҳам гуфтанӣ аст, ки Сомониён мусалмонони ҳанафимазҳаб буданд ва шадидан таҳти таъсири уламои мазҳаби ҳанафӣ қарор доштанд. Ду тан аз машҳуртарин уламои ҳанафӣ, ки ба дарбори Сомониён дар иртибот буданд, Абуҳафси Кабир ва Абулқосим Ҳакими Самарқандӣ ном доштанд.

### ФИҚҲИ ҲАНАФӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАҚВИЯТИ ЗАБОНИ ФОРСӢ

Фиқҳи ҳанафӣ нақши муҳиме дар тақвият ва мустаҳкам кардани ҷойгоҳи забони форсӣ дар қаламрави феълии забони форсӣ - дар шароите, ки забони форсӣ аз сӯи забони арабӣ ба шиддат зери фишор қарор дошт - доштааст. Маъмулан мухотабони фақеҳони ҳанафӣ форсизабон будаанд ё форсиро бештар аз арабӣ медонистаанд. Аз ин рӯ, пораe аз китобҳои фиқҳи ҳанафӣ ба забони форсӣ нигошта шудааст ва дар лобалои иборатҳои бахши бештари китобҳои фиқҳи ҳанафӣ, ки ба арабӣ нигошта шудааст, вожаҳо ва таъбирот ва иборатҳои форсӣ ба касрат дида мешавад.

Оре, фақеҳони ҳанафӣ нақши муҳим ва арзишмандеро дар тарвиҷ ва тақвияти забони форсӣ ифо кардаанд. Шояд ба ҳамон ҷиҳат аст, ки порае аз шоирони порсигӯ - мисли Саноӣ ва Хоқонии Шервонӣ ва Рашидуддини Ватвот - бахше аз сурудаҳои хешро дар ситоиш ва табҷили Имом Абуҳанифа ва пайравони ӯ ва фиқҳи ҳанафӣ ихтисос додаанд. Мо наметавонем саргузашти забони форсиро ба сурати ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор диҳем, бидуни он ки нақши Имом Абуҳанифа ва пайравонашро дар ин замина нодида бигирем. Ба ҳамон андозае, ки кори Абулқосими Фирдавсӣ барои ҳифз ва нигоҳдории фарҳанги форсӣ ҳаётӣ будааст, дифои Имом Абуҳанифа аз забони форсӣ ва рафъи иттиҳом аз он низ хеле таъсиргузор ва таъйинкунанда будааст.

Албатта фарқи кори Имом Абуҳанифа бо кори Фирдавсӣ дар ин аст, ки Имоми Аъзам дар ҳассостарин шароит ва дар вазъияте, ки забони форсӣ миёни марг ва зиндагӣ тақалло мекард, ба сӯи забони форсӣ рафт ва аз ин забон ҷонона ва ҷасурона дифоъ кард, ҳол он ки Фирдавсӣ дар ҳангоме ба забони форсӣ «Шоҳнома» суруд, ки ин забон қавом ёфта буд ва то ҳадде зиёд ба рушд ва боландагӣ расида буд. Рӯйи ин ҳисоб, ба сароҳат метавонам бигӯям, ки Имом Абуҳанифа барои забони форсӣ хеле муҳимтар аз Абулқосими Фирдавсии Тӯсӣ аст ва «забони поки порсӣ» бештар аз ҳар шахсияти дигаре вомдори Абуҳанифаи кобулӣ аст.

Порсӣ ва фатвои Имоми Аъзам дар борaи ин забони покро пос дорем!

**Меҳрон МУВАҲҲАД,**
**пажӯҳишгари эронӣ**
**Бозгардони Умар САЪДӢ**

## МАВЛУДНОМА

**20 ФЕВРАЛ**

**Абдусаттор Абдуқодиров** (1945), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос (ӯзбекӣ), профессор.

**Саъдинисо Валаматова** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Шералӣ Гулов** (1950), 75-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

**Тағоймуроди Маҳмадмурод** (1940), 85-солагии зодрӯзи нависанда.

**Ғоиб Сафарзода** (1940-1972), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Қудратулло Ҳикматов** (1955), 75-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**21 ФЕВРАЛ**

**Камолиддин Абдуллоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи доктори илми таърих, профессор.

**Оғоназар Ақназаров** (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор, академики АМИТ, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон.

**Сайвалӣ Мӯсоев** (1940-2013), 85-солагии зодрӯзи мутриб, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

**Парвин Ҳошимова** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

**Виктор Чечотка** (1925), 100-солагии зодрӯзи рассом, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон.

**22 ФЕВРАЛ**

**Неъмат Айюб** (1955-1994), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**Инъом Бобоҷонов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи математика.

**Хушвахт Назаров** (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист.

**Марк Серейский** (1885-1957), 140-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**23 ФЕВРАЛ**

**Михаил Бобоев** (1925-2001), 100-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Саидшо Давлатшоев** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Султон Исмоилов** (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи физика.

**Зокир Назиров** (1935), 90-солагии зодрӯзи муаррих.

**Обидҷон Орифов** (1920-1996), 105-солагии зодрӯзи забоншинос (ӯзбекӣ).

**Тамара Шодиева** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**24 ФЕВРАЛ**

**Аминҷон Айюбов** (1945), 80-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Ҳамидҷон Маҳмудов** (1900-1977), 125-солагии зодрӯзи коргардон, яке аз поягузорони театри миллии тоҷик.

**Фозил Мӯсоев** (1920-1969), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Паймон** (Тӯхтамиш Тӯхтаев) (1955), 75-солагии зодрӯзи шоир.

**25 ФЕВРАЛ**

**Шамсиддин Насриддинов** (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

**26 ФЕВРАЛ**

**Усмон Раҷабов** (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Раиса Савина** (1925), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

**Аз идора**

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**
**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**
**Тел: 221-00-84**

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

## ЭЪТИБОР НАДОРАД

►Шиносномаи техникии таҳхона ба номи Конев Владимир Владимирович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Н. Махсум б 23/4, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, варақаи қайд №144, ба номи Тошов Разоп Шарипович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Ҳилолӣ 44, соли 1994, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлӣ ба номи Назмова Муаззам Абдунаибовна, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Айнӣ 108, ҳ. 14, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9 Т-АТА №0026954, ба номи Раҷабалии Абдуҷаббор, ки соли 2014 аз ҷониби МТМУ №76-и ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шиносномаи техникӣ ба номи Раҳмонов Бозор, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов М-2, Б-2, ҳ. 10, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ ба номи Имомалиев Фурқат Имомраҷабович, РЯМ: 0430288531, РМА: 045811223, ки санаи 15.07.2019 дар Нозироти андози ноҳияи Сино ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи № М Ф Ч - Б-В2-/15/105/-(44,84)-16 байни "Меъмори Чирадасти Фаъол дар сохтмон" ва Аминбекова Шахноза Хуршедовна, аз 29.07.2023, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. А. Берунӣ ва Деҳаи боло, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ ба номи Кенчаев Навруз Нурмахмадович, РМА: 335396985, РЯМ: 3330092700, беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатнома ба номи Амонов Улуғбек, РЯМ: 0730147046, РМА: 076063490, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Рахманова Фотима, РЯМ: 0730195327, РМА: 075750414, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Мӯҳр ва гушамӯҳр, ки ба КТ "Джахон", РЯМ: 0710005524, РМА: 070004119, аз 29.06.2010 тааллуқ доранд, бо сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи шаҳодатномаи махсус ба номи Тагаева Шоиста, РЯМ: 0730221085, РМА: 075418926 аз 23.02.2022, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Хайруллаев Нусратулло Рахматуллоевич, РЯМ: 0730098445, РМА: 075138548, ки аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатнома ва иқтибоси ҶДММ "Сипар Хизматрасон", №0277717, РЯМ: 4010006477, РМА: 400010512, санаи судур 09.10.2021, ки дар Нозироти андози ноҳияи Ёвон ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Фармони даромади касса (Кассовый приходный ордер) №22, аз 25.04.2013 ба номи Имомова Шабнам Тохировна, дар асоси ду 2-хуҷрагӣ, ошёнаи 5, хонаи 3, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шартномаи хариду фурӯши 2/3 (аз се ду) ҳиссаи хонаи истиқоматӣ таҳти феҳристи №8-2794, аз 11.12.2023, ба номи Сафаров Қурбонали Абдулвоҳидович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, к. Матросов, (аз се ду) ҳиссаи хонаи 9, ки дар нотариуси давлатии Саридораи нотариалии давлатии Вазорати адлияи ҶТ ба расмият даровардa шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи №13, ҳамкорӣ ва сармоягузорӣ дар сохтмони хонаҳои баландошёнаи истиқоматии бисёрҳуҷра (квартира)-гӣ, воқеъ дар ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 32, қатори "Б" аз 22.04.2024 бо расидҳояш, ба номи Ёров Саидшоҳ Алимардонович, аз сабаби гум шуданашон беэътибор дониста шаванд.

►Дафтари ҳавлӣ ба номи Ҷаборов Наби Музафарович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, к. Фирдавсӣ 27/3, ҳ. 45, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи махсуси соҳибкори инфиродӣ Кучарова Насиба, РЯМ: 0730131967, РМА: 075358706, аз санаи 13.04.2016, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҷумакулов Алишер, РЯМ: 0730172915, РМА: 075114975, аз санаи 29.04.2017, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

►Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Ирматова Рузихон, РЯМ: 0730033031, РМА: 075161285, аз санаи 07.07.2010, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## БАРҲАМ МЕХӮРАД

►ҶДММ "Калвиа", РМА: 030010100, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад 9, ҳ. 20, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Форами Аҷам", №0268098, РЯМ: 0210030838, РМА: 020056515, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Шаҳодатномаи Кооперативи тиҷоратии «ЗАЙТУНАИ АБДУВАЛИ», РЯМ: 3310008277, барҳам мехӯрад.

►ҶДММ "Сафо Сайр", №0267307, РЯМ: 0210029261, РМА: 020054577, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► Кооперативи тиҷоратии "Джахон", РЯМ: 0710005524, РМА: 070004119, ки аз 29.06.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►Кооперативи тиҷоратии "Обид", РЯМ: 0710003406, РМА: 070008151, ки аз 29.04.2010 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

►ҶДММ "Бобоев Фируз", РЯМ: 0710011445, РМА: 0700018499, ки аз 05.10.2022 дар Нозироти андози шаҳри Турсунзода ба қайд гирифта шудааст, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

► ҶДММ "Сипар Хизматрасон", №0277717, РЯМ: 4010006477, РМА: 400010512, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳама арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



ҶОИЗА

# МАРОСИМИ ЭЪТОИ ҶОИЗАИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР БА ҒОЛИБОН

**17-уми феврал дар Душанбе маросими эътои ҷоизаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ғолибони мусобиқаҳои байналмилалӣ дар соли 2024, ки 1,7 миллион сомонӣ аст, баргузор гардид.**

Дар маросим муовини сарвазир Дилрабо Мансурӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш Зулфиқор Гулахмадзода ва роҳбарону намояндагони вазорату идораҳо, варзишгарон, роҳбарону мураббиёни сохторҳои варзишӣ, собиқадорону фаъолони варзиш ва ғолибону ҷоизадорони мусобиқаҳои байналмилалӣ дар соли 2024 ширкат карданд.

46 ҷоизадори мусобиқаҳои байналмилалӣ ва мураббиёни онхо бо ҷоизаи пулии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ шуданд.



Ҳамчунин беҳтаринҳо дар соли 2024 эълон шуданд. Сомон Махмадбеков, Темур Раҳимов харду дар ҷудо, Давлат Болтаев дар риштаи бокс - ғолибони Бозиҳои олимпии Порис-2024 бо медали «Барои шуҷоат» мукофотонида шуданд.

Беҳтарин варзишгари ҷавон дар намуди олимпии варзиш Лоиқ Кудбуддинов барандаи медали нуқраи чемпионати ҷаҳонии ҷудо аст. Беҳтарин варзишгари зан дар намуди олимпии варзиш Фариноз Абдуллоева қаҳрамони бокси Осиё дониста шуд. Беҳтарин варзишгари зан дар намуди варзиши ғайриолимпӣ Жасмин Ан-Нимр қаҳрамони дуҷаратаи ҷаҳон дар бодибилдинг аст.

ҶУДО

# ДУ НИШОНИ ПАҲЛАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ BAKU GRAND SLAM 2025

**Рӯзҳои 14 ва 16-уми феврали соли равон дар шаҳри Бокуи Озарбойҷон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо “Baku Grand Slam 2025” баргузор шуд, ки ҷудокорони тоҷик ду нишон ба даст оварданд.**

Тоҷикистонро дар ин мусобиқа шаш паҳлавон муаррифӣ карданд. Дар вазни то 73 кг Абубакр Шеров бо Мухиддин Асадуллоев, дар вазни то 81 кг Бахрӯз Хоҷазода бо Сомон Махмадбеков, дар вазни то 100 кг Ҷаҳонгир Маҷидов ва Кароматулло Ҳакимов намояндаҳои кишвари мо дар мусобиқаи мазкур буданд.




Ба Абубакр Шеров ва Ҷаҳонгир Маҷидов муяссар шуд, ки барои Тоҷикистон медалҳои биринҷӣ оранд. Абубакр Шеров зери вазни то 73 кг дар даври аввал намояндаи Крувосӣ Роберт Класарро, дар даври дуюм Бае Донгюн аз Куриёи Ҷанубӣ, дар даври чаҳорякниҳоӣ бо имтиёзи иппон ватандори ҷудо Рюга Танакаи ҷопониро шикаст дода, ба даври нимниҳоӣ роҳ ёфт. Дар даври нимниҳоӣ аз Рашид Маммадалиеви озарӣ шикаст хӯрда, дар мубориза барои нишони биринҷӣ Гиоргий Чихелидзеи гурҷиро шикаст дода, нишони биринҷиро соҳиб шуд.

Ҷаҳонгир Маҷидов дар вазни то 100 кг дар даври аввал Кристиан Тоти маҷорӣ, дар даври дуюм Рустам Шорахматови ӯзбекро шикаст дода, ба даври нимниҳоӣ роҳ ёфт. Дар марҳилаи нимниҳоии мусобиқа Маҷидов аз Арай Дотаи ҷопонӣ шикаст хӯрда, барои нишони биринҷӣ ҷудокори бетараф Муҳаммадалӣ Матаевро мағлуб кард.

Тоҷикистон бо 2 медали биринҷӣ дар феҳристи медалҳо мақоми 12-умро дар Baku Grand Slam 2025 ишғол кард. Дар мусобиқа Сомон Махмадбеков (-81 кг) панҷум ва Бехрӯз Хоҷазода (-81 кг) ҳафтум шуданд. Мухиддин Асадуллоев ва Кароматулло Ҳакимов аз даври якум ноком шуданд.

Дар Baku Grand Slam 2025 Ҷопон бо 10 медали тило, 4 медали нуқра ва 3 нишони биринҷӣ якум, Олмон бо 1 тило, 2 нуқра ва 1 биринҷӣ дуюм ва Озарбойҷон бо 1 тило, 1 нуқра ва 3 биринҷӣ сеюм шуданд.

ФУТЗАЛ

# ДУХТАРОНИ ЭРОН ҒОЛИБИ CAFA-2025 ШУДАНД

**Дар Душанбе чаҳорумин Чемпионати футзали Ассотсиатсияи футболи Осиёи Марказӣ миёни дастаҳои занона ба анҷом расид. Дар ин мусобиқа дастаҳои занонаи Тоҷикистон, Эрон, Ӯзбекистон, Қирғизистон ва Туркманистон ширкат доштанд.**

Ғолиби чемпионати CAFA-2025 тими Эрон (12 имтиёз) гардид, ки дар ҳамаи чаҳор бозӣ пирӯзӣ ба даст овард. Медалҳои нуқра насиби тими Ӯзбекистон (7 имтиёз) шуд. Дастаи Қирғизистон бо дарёфти 5 имтиёз дар ҷойи сеюм қарор гирифт.




Дастаи мунтахаби Тоҷикистон дар ҳамаи бозиҳо ба шикаст дучор шуд. Духтарони Тоҷикистон дар бозии аввал аз Қирғизистон бо ҳисоби 0:3 мағлуб шуданд. Дар идома футзалбоздухтарони тоҷик дар воҳӯрии дуюм аз дастаи Туркманистон бо ҳисоби 0:1, дар бозии сеюм аз дастаи Ӯзбекистон бо ҳисоби 1:8 ва дар бозии охир аз Эрон бо ҳисоби 1:10 шикаст хӯрданд. Дар натиҷа бидуни имтиёз дар зинаи охир қарор гирифтанд.

Ҷоизаи Fair Play насиби тими Қирғизистон шуд. Беҳтарин дарвозабони мусобиқа дарвозабони тими миллии Туркманистон Малика Эминова дониста шуд. Ҷоизаи муфидтарин бозигар ва беҳтарин нишонзани чемпионат ба бозикуни тими миллии Эрон Марал Торкамон насиб гардид, ки дар ин мусобиқа даҳ гол зад.

РЕЗААХБОР



Дар мусобиқаи бокс дар Маскав, ки рӯзи 7-уми март баргузор мешавад, Давлат Болтаев аз Тоҷикистон (4:0) ва варзишгари тозавоpуд дар бокси ҳирфаӣ аз Русия Рамазон Қорнукаев дар вазни сангинвазнҳо ба ринг мебароянд. Болтаев дар чор муборизаи бокси ҳирфаӣ чор пирӯзӣ дорад. Ӯ соли 2024 дар ҳайати тими миллӣ дар Олимпиадаи Порис медали биринҷӣ ба даст оварда буд.

***

Дастаи мунтахаби наврасони футболбози Тоҷикистон (U-17) таҳти роҳбарии Марко Рачинӣ дар «Ҷоми рушд-2025», ки дар шаҳри Минск ҷараён дорад, дар ду бозӣ ба шикаст дучор шуд. Наврасони Тоҷикистон дар даври якуми марҳилаи гурӯҳӣ аз дастаи Беларус бо ҳисоби 0:1 мағлуб шуданд ва дар даври дуюм аз тими Академияи «Blockchain Sports»-и Бразилия бо ҳамин ҳисоби 0:1 шикаст хӯрданд.

***

Клуби футболи “Истиқлол”-и Душанбе бо ниммуҳофизатгари ҳуҷумкори эронӣ Ризо Деҳқонии 27-сола то охири соли 2025 шартнома баст. Ӯ дастпарвари “Сипоҳон”-и Исфаҳон буда, дар дастаҳои “Персеполис”, “Насоҷӣ” ва “Истиқлол”-и Хузистон бозӣ кардааст. Ҳамчунин, даста бо Николас Лоуренс Анвони 24-сола аз Ничерия то охири соли 2025 шартнома баст. Анвон дастпарвари Академияи «Аруна Бабангида» буда, дар дастаҳои «Тамбов», «Химки» (Русия) ва «Фотех Қарогумрук»-и Туркия бозӣ кардааст.

***

Варзишгари тоҷик Сарвар Ҳамидов (16-0) дар вазни 61 кг дар Гран При PFL (ё мусобиқаи ҷаҳонии PFL) рақобат мекунад. Номи рақиб, санаи мубориза ва макони баргузории мусобиқа дертар эълон хоҳад шуд. Ҳамидов чанде пеш бо PFL шартномаи дусола имзо кард. Размикори тоҷик аз соли 2022 дар созмони Bellator рақобат мекард. Дар 3 сол Сарвар дар 3 набард ширкат карда, ҳамаи рақибони худро мағлуб кардааст.



Рассом Хайрулло Давлатов

## НИМКАР

Беморе ба духтури гӯш мурочиат менамояд:

- Духтурҷон, ёрӣ диҳед, гӯшам нимкар шудааст.

- Укоҷон, одам нимкар намешавад, ё тамоман кар мешавад, ё умуман кар намешавад.

- Бовар накунед, санҷида бинед,- илтимос мекунад бемор.

Духтур ба гӯшаи кабинет рафта, бо садои паст мегӯяд:

- Ҳаки хизмат 100 сомонӣ.

Бемор мегӯяд:

- Дидед, ман ҳамагӣ 50 сомонӣ шунидам.

## ҲАЁТИ НАВ

Духтур ба бемор мегӯяд:

- Шуморо табрик мекунам, дар вуҷуди шумо ҳаёти нав пайдо шудааст!

Бемор ба даҳшат омада, мегӯяд:

- Духтур, шумо чиҳо мегӯед, магар мард ҳомила мешавад?

Духтур дар ҷавоб:

- Барои кирмҳо фарқе надорад, ки шумо мард ҳастед ё зан!

## ТАЪБИРИ ХОБ

Аъробие ба муфассири хоб гуфт:

- Хоб дидам, ки аз саргини уштур таом пухта истодаам. Таъбираш чист?

- Ду динор деҳ, таъбирашро мегӯям!,- гуфт муфассир.

- Дунёбехабар!,- гуфт аъробӣ,- агар ду динор медоштам, магар аз саргини уштур таом мепухтам?

## СУБҲ

Марде духтарашро сарзаниш мекунад:

- Барои чӣ ба модарат гуфтӣ, ки ман қариби саҳар ба хона омадам?

Духтарак мегӯяд:

- Не, дадаҷон, ман ин тавр нагуфтам, ман ба ӯ гуфтам, ки вақте дадаам омад, ман таоми субҳона мепухтам.

## КАЙ МУРД?

- Муаллими таърих аз талабае мепурсад:

- Искандари Мақдунӣ кай ва дар кучо мурд?

Талаба мегӯяд:

- Мурд? Ба Худо муаллимҷон, ман ҳатто бемор буданашро ҳам намедонистам.

## НОМ

Бонуе ба дугонааш мегӯяд:

- Ман ҳомила шудаам.

Дугонааш:

- Муборак шавад! Исто, ки чаро табъат хира?

Бону:

- Номашро фикр дорам.

Дугона:

- Эҳ дугонаҷон, аҷаб сода будаӣ. О тифлат таваллуд шавад, баъд номашро меёбем!

Бону:

- Ман номи падарашро фикр дорам...

## ЯКШАНБЕ

Афандӣ аз занаш пурсид:

- Ту кадом рӯз таваллуд шудаӣ?

Занаш дар ҷавоб:

- Рӯзи якшанбе.

Афандӣ бо тааччуб:

- Чаро дурӯғ мегӯӣ? Якшанбе рӯзи истироҳат аст ку!

**Таҳияи**
**Н. РАҶАБОВА**

# ҚОНУНИ ЗАБОН

Садои занги телефон пинаки сарвари мактабро халалдор кард. Ӯ харосон гӯширо бардошта, паиҳам «лаббай, лаббай» гуфт.

Мудири шуъбаи маориф фармон медод: Ба татбиқи Қонуни забон диққат диҳед. Ба наздикӣ дастаи махсуси вазорат аз ин ҷиҳат кори мактабҳои ноҳияамонро месанҷад. Амалро беҳтараш аз мураттабсозии нақшаи махсус оғоз намоед. Корро кашол надода, дар ду-се рӯз Қонуни забонро ба амал татбиқ кунеду монед...

Сарвари мактаб гӯширо гузоштан баробар саросемавор аз ғалладони мизаш чанд варақеро гирифта, чизе навиштан хост, аммо харчанд зӯр мезад, ҳеҷ илҳомаш намеомад. Котибаро фармуд, то чойи талх оварад. Чой ҳам мадад накард. Бо амри ӯ котиба ҷонишинашро даъват кард. Сарвари мактаб ҷонишинашро аз воқеа огоҳ намуд ва ҳарду ба фикр ғӯттавар гаштанд. То нисфи шаб ҳамкорӣ намуда, ниҳоят нақшаи татбиқи Қонуни забонро дар мактаб мураттаб сохтанд ва як нусхаи онро худи ҳамон шаб ба девори мактаб овехта, гӯё поракӯҳи азимеро талқон карда ва ё куллаи осмонбӯсеро фатҳ намуда бошанд, як чуқур «уф-ф-ф» гуфта, сонӣ хушҳолона ҳамдигарро сахт ба оғӯш гирифтанд бозингарони аз майдон ғолиб баромадагӣ барин.

Инак, нақшаи мазкур:

ПИЛАНИ

мероприятиҳо барои ичрои Қонуни забон

**1.** Бо гапи адабӣ абиспечит кардани ҳамаи маълимои мактаб.

**2.** Виговор додан ба онҳое, ки забони тоҷикиро бо забонҳои дигар аралаш мекунанд.

**3.** Гузаронидани пиразники забон ва дигар мероприятиҳо.

**4.** Пастаяни зӯр ва чотка гузаронидани дарсҳои забон ва адабиёт.

**5.** Дар теппи дари мактаб овехтани лозунги «Саломи шуълавар ва Қонуни забони тоҷикӣ!».

**6.** Културни римонт кардани кабинети забон ва адабиёт.

**7.** Бо кино, нагладной пособия абиспечит кардани маълумоти забону адабиёт.

**8.** Буровардани расписани барои дарсҳои дапалнителни аз забону адабиёт.

**9.** Бо китобҳои тоҷикӣ пур кардани полкаҳои библиотекаи мактаб.

**10.** Бо учебникҳои забону адабиёт абеспечит кардани хонандагони ҳамаи классҳо.

**11.** Аз ҳисоби учаскаи тачрибавии мактаб ҷудо кардани 50 банди алаф ба говҳои маълимони забону адабиёт.

**12.** Буровардани газиту фотомантажҳо, уголокҳо дар таърифи забону адабиёт ва Қонуни забон.

**13.** Гузаронидани субботник бо мақсади думчамонӣ ба харфҳои х, ч ва к-и варақаҳои чопи мошинкаи мактаб.

**14.** Ҳар саҳар гузаронидани питиминутка бо маълимои забону адабиёт.

**15.** Кантарол аз болои беашибка будани ҳамаи дакументои мактаб.

Директори мактаб: Джамол Норкаллаюф

**Абдурауф МУРОДӢ**

## Сканворд

